МИЛАЛИ МУТТАҲИД
ТОҶИКИСТОН



# СММ дар Тоҷикистон

## Ҳисобот оид ба натиҷаҳо дар соли 2021

МИЛАЛИ МУТТАҲИД
ТОҶИКИСТОН

# СММ ДАР ТОҶИКИСТОН

## Ҳисобот оид ба натиҷаҳо дар соли 2021




# МУНДАРИЧА


Пешгуфтори Ҳамоҳангсози доимӣ 04
Таркиби дастаи кишварии СММ 05
Шарикони калидии рушд дар Тоҷикистон 06
Пешрафтҳои асосӣ дар кишвар 10
Тавсифи натиҷаҳои барномаи қолабии ҳамкорӣ 11
Тавсифи натиҷаҳои миёнамуддат ва ниҳоии Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд 16
- Идоракунии демократӣ, волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон дар ҳамаи сатҳҳо 17
- Рушди иқтисодии устувор ва одилона 19
- Рушди иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ) 21
- Ғизохӯрӣ ва амнияти озуқаворӣ 27
- Фарогирӣ ва қодирсозии (додани ҳуқуқ ва имкониятҳо ба) гурӯҳҳои осебпазир 29
- Муқовиматпазирӣ ва масъулияти экологӣ 33

Дастгирии шарикӣ ва маблағгузорӣ 35
Натиҷаҳои ислоҳоти СММ 39
Арзёбӣ ва сабақҳои омӯхташуда 42
Стратегияи бизнес амалиётҳои СММ 43
Афзалиятҳои дастаи кишварии СММ дар соли оянда 45


# ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| ПКСО | Паст кардани сатҳи офатҳо |
| БОР | Бонки Осиёии Рушд |
| САТ | Стратегияи амалиёти ташкилот |
| ҲМИОМ | Барномаи Ҳамкории минтақавии. Осиёи Марказӣ |
| КТ | Конфронси тарафҳо |
| ТҶШ | Ташкилотҳои Ҷомеаи Шаҳрвандӣ |
| ГРҶШ | Гурӯҳи референтии ҷомеаи шаҳрвандӣ |
| АТМЗ | Арзёбии таъсир ба муҳити зист |
| ХҶ | Хушунати ҷинсӣ |
| СГСҒ | Саммити Глобалӣ оиди Системаҳои Ғизо |
| ШГТ | Шарикии глобалӣ оиди таҳсилот |
| НМБ | Ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ |
| ISDB | Бонки Исломии Рушд |
| ЧМҲМ | Чорчӯби ҳамгирошудаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ |
| ИҲЗО | Идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об |
| УММ | Ӯҳдадориҳои муайяншудаи миллӣ |
| РМСО | Роҳҳои миллии системаҳои озуқаворӣ |
| КАТ | Кӯмаки аввалияи тиббӣ |
| РЕАКТ | Гурӯҳи фаврии ҳамоҳангсозӣ  ва арзёбӣ |
| АХУМ | Арзёбии хатар ва устувории минтақавӣ |
| ҲРУ | Ҳадафҳои Рушди Устувор |
| АСМЗ | Арзёбии стратегии муҳити зист |
| КХМ | Корхонаҳои хурд ва миёна |
| СР | Солимии репродуктивӣ |
| ИТММ | Илм, технология, муҳандисӣ, математика |
| МҲҒ | Миқёси ҳаракати ғизодиҳӣ |
| СС | Созишномаи савдо |
| СҲДСММ | Системаи Ҳамоҳангсозони доимии СММ |
| ДКСММ | Дастаи кишварии СММ |
| ЧКРСММ | Чаҳорчӯбаи кӯмаки рушди СММ |
| ЧҚҲРУ СММ | Чаҳорчуби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор |
| ШУД | Шарҳи умумии давравӣ |



© Акмал Усмонов

# ПЕШГУФТОРИ ҲАМОҲАНГСОЗИ ДОИМӢ



Соли 2021 барои барои Тоҷикистон ва ҳамсоягонаш соли ноором буд, дар ҳамин аснод Ҳукумат ва Созмони Милали Муттаҳид таваҷҷуҳи ҷиддиро барои омодагӣ ба вокуниши эҳтимолии минтақавӣ дар ҳолати омадани гурезаҳо аз Афғонистон, инчунин таъмин кардани кумак дар ҳолати фавқулодда ба офатҳои табиӣ (обхезӣ, ҷоришавии сел ва заминҷунбӣ) ва дастгирии субот дар минтақаҳои сарҳадӣ дар шимол ва ҷануби Тоҷикистон равона карда буданд. Ҳамаи ин рӯйдодҳо монеаҳои давомдор дар масири рушди кишвар эҷод менамоянд.

Дар соли 2021 СММ Рӯзномаи умумиро ҳамчун чаҳорчӯби асосии мо барои суръат бахшидани дастовардҳо дар самти Ҳадафҳои рушди устувор қабул кард. Дар рӯзномаи умумӣ эътироф шудааст, ки барои даст ёфтан ба пешрафт, мо бояд дарк кунем, ки ояндаи инсоният аз ҳамбастагӣ, эътимод ва қобилияти мо барои якҷоя кор кардан ҳамчун як оилаи ҷаҳонӣ ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ вобаста аст. Ҳеҷ ҷомеа ё кишваре, ҳарчанд қудратманд ҳам бошад, наметавонад мушкилоти худро танҳо ҳал намояд. Мо бояд роҳеро барои ғамхорӣ кардан ба ҳамдигар пайдо кунем.

Тоҷикистон шарики муҳими СММ дар арсаи ҷаҳонӣ тавассути пешбурди афзалиятҳои муҳими бисёрҷонибаи он вобаста ба тағйирёбии иқлим, об ва ҳифзи пиряххо мебошад. Бо вуҷуди ин, ҳамаи мо бояд талошҳои худро дар ин замина пурзӯр намоем. Таҳдидҳо ҷиҳати расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) бузургтар аз ҳар вақти дигар мебошанд.

Дар соли 2021, СММ дар Тоҷикистон талошҳои ҳамоҳангшударо барои аз нав тарҳрезӣ намудани кори худ тавассути ҳамгиро кардани иқдомҳои вокуниши COVID-19-и Нақшаи ҳамгирошудаи Барномаи қолабии иҷтимоиву иқтисодӣ бо Нақшаҳои кории муштараки Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд анҷом дод. Ин ба СММ имкон дод, ки равона намудани диққати худро ҷиҳати расонидани кумаки фаврӣ оид ба барқарорсозии иқтисодиву иҷтимоӣ ба Ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон бо дарназардошти дастгирии дарозмуддати рушди устувор идома диҳад. Корҳои муҳим ҷиҳати вокуниш ба COVID-19 дар соли 2021 идома ёфтанд. Ин корҳо бо барномаҳои СММ ҳамгиро карда шудаанд, ки низомҳои озуқаворӣ, баробарии гендерӣ, маблағгузории ҲРУ, муҳоҷират, ҷавонон ва ғайраро дастгирӣ намуданд.

Соли 2021 ҳамчунин соли калидӣ барои Ҳукумат дар мавзӯъи ҳуқуқи инсон буд. Ҳукумати Тоҷикистон бо дастгирии СММ ӯҳдадориҳои худ оид ба ҳуқуқи инсон ва пешрафти худро дар самти омодагӣ ба давраи Шарҳи универсалии даврӣ дар моҳи ноябри соли 2021 бознигарӣ намуд. Ҷаласаи Шарҳи универсалии даврӣ дар Женева ва ташрифи Гузоришгари махсуси СММ оид ба савдои одамон боиси он гардид, ки шумораи зиёди тавсияҳо ба Ҳукумат пешниҳод карда шуданд ва тавсияҳои қабулшуда ба ҳуқуқҳои одамони осебпазир, ба монанди ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбият, ҳуқуқҳои кӯдакон, ҳуқуқҳои занон, ҳуқуқҳои шахсони бо ВНМО/БПНМ ва ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудаанд. Дастгирии Ҳукумат ҷиҳати татбиқ намудани тавсияҳои мазкур дар маркази таваҷҷуҳи СММ дар соли 2022 хоҳад буд.

Соли 2021 ҳамчунин соли аввали татбиқи Стратегияи бизнес-амалиётҳои СММ буд, ки идораҳои СММ-ро дар самтҳои муштараки кор барои баланд бардоштани сатҳи самарабахшии кори мо муттаҳид мекунад. Чаҳорчӯби умумии татбиқи фаъолиятҳои бисёрсола хароҷотро ба маблағи 1,5 миллион сарфаҷӯӣ мекунад ва Гурӯҳи идоракунии амалиётҳои СММ дар Тавсифи солонаи худ оид ба Стратегияи бизнес-амалиётҳои СММ дар соли 2021 арзёбӣ менамояд, ки хароҷот дар соли аввали татбиқ 1,2 миллион сарф карда шудааст. Дастаи кишварии СММ ҳамчунин барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба фарогирии маъюбон дар чаҳорчӯби созмон тавассути ҷалби мушовир оид ба масъалаҳои фарогирии маъюбон, баргузор намудани арзёбии дохилии корҳо ва барномаҳои СММ ва таҳияи Нақшаи амал барои татбиқ дар соли 2022, ки ба принсипи "Ҳеҷ чиз дар бораи мо бидуни мо" талошҳои ҳамоҳангшударо анҷом дод.

Дар соли 2021 оилаи идораҳои СММ дар Тоҷикистон таъмин намуд:

- бештар аз 2,2 миллион нафар бо хидматрасониҳои асосии тиббӣ;
- бештар аз 2,1 миллион нафар кӯдакон ва калонсолони осебпазир кумак дар шакли пули нақд ба даст оварданд;
- бештар аз 542 800 кӯдак ва хонаводаҳои осебпазир кумаки ғизоӣ дарёфт намуданд;
- бештар аз 14 000 нафар хидматрасониҳои ройгони ҳуқуқиро дарёфт намуданд;
- 32 258 нафар хидматрасониҳо оид ба паст кардани сатҳи хавфи офатҳои табииро ба даст оварданд;
- 24 800 нафар имконият ба даст оваранд, ки сатҳи зиндагии худро баланд бардоранд.

Мо бар ин бовар ҳастем, ки соли 2022 барои Тоҷикистон ва тамоми ҷомеаи байналмилалӣ мушкилоти навро пеш меорад. Мо ин мушкилотро тавассути кори муштарак дар саросари кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, бо роҳи дар маркази талошҳои худ қарор додани афроди канормонда ва ҷалб кардани созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар тамоми кӯшишҳои мо ҳамчун СММ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони байналмилалии рушд, ки дар Тоҷикистон фаъолият мекунанд, паси сар хоҳем кард.

Ман аз номи дастаи кишварии СММ дар Тоҷикистон ба ҳамаи шарикони мо аз соли гузашта изҳори сипос менамоям. Ман бесаброна барқарорсозии шарикӣ ва ӯҳдадориҳои навро дар соли 2022 интизор ҳастам, то ки мо мушкилоти дар пеш истодаро ҳал намуда, дастовардҳои худро барои сулҳ, сайёра ва шукуфоӣ афзоиш диҳем.

**Хонум Сезин Синаноглу**
**Ҳамоҳангсози доимии**
**СММ дар Тоҷикистон**

# ТАРКИБИ ДАСТАИ КИШВАРИИ СММ

Дастаи кишварии СММ дар Тоҷикистон шарики калидии Ҳукумати Тоҷикистон боқӣ мемонад ва қотеона аз уҳдадориҳои кишвар ҷиҳати ноил шудан ба ҲРУ ва рӯзномаи рушд, ки аз ҷониби Ҳукумат пешниҳод карда шудаанд, пуштибонӣ менамояд.

Ҳузури СММ дар Тоҷикистон аз 17 созмони қарордошта дар кишвар ва 3 созмони хориҷ аз кишвар иборат мебошад, ки дар барномаҳои кишварӣ иштирок мекунанд. СММ дар Тоҷикистон аз ҷониби Ҳамоҳангсози доимӣ роҳбарӣ карда мешавад, ки намояндаи таъйиншудаи Дабири кулли СММ мебошад. СММ тавассути Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд (UNDAF) дар давраи солҳои 2016-2020 (ки то охири соли 2022 тамдид карда шуд) роҳнамой карда мешавад ва комилан ба Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) ва ҳамчунин Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2016-2030 бо ҳадафҳои қонеъ сохтани ниёзҳои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва дар маркази кори СММ қарор додани ҳуқуқи инсон ва баробарии гендерӣ дар чаҳорчӯби ташаббусҳои башардӯстона, бунёди сулҳ ва рушди устувор мувофиқат мекунад.

Дастаи кишварии СММ дар Тоҷикистон

### Оҷонсиҳои СММ дар Тоҷикистон

Food and Agriculture Organization of the United Nations
International Labour Organization
IOM UN MIGRATION
OCHA
UNITED NATIONS HUMAN RIGHTS OFFICE OF THE HIGH COMMISSIONER
UN WOMEN United Nations Entity for Gender Equality and the Empowerment of Women
UNAIDS
UNDP
UNFPA
UNHCR The UN Refugee Agency
unicef for every child
UNDRR UN Office for Disaster Risk Reduction
UNODC United Nations Office on Drugs and Crime
UNRCCA
WFP World Food Programme
World Health Organization

### Бо мудирияти берун аз Тоҷикистон

UNECE
UNESCO
UNOPS



# ШАРИКОНИ КАЛИДИИ РУШД ДАР ТОҶИКИСТОН

СММ дар Тоҷикистон миннатдории худро ба шарикони ҳукуматии худ дар сатҳҳои миллӣ ва зермиллӣ, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ, доираҳои илмӣ ва воситаҳои ахбори омма, инчунин ба ҷомеаи байналмилалӣ ва субъектҳои рушд барои шарикӣ ва ҳамкорӣ баён менамояд, ки дар беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардуми Тоҷикистон нақши калидиро бозӣ намудаанд ва дар бораи он дар гузориши мазкур ба таври муфассал гуфта шудааст.

Ин шарикиҳо барои ноил шудан ба дастовардҳои зерин мусоидат намуданд: афзоиши дастрасӣ ба адолати судӣ; татбиқи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ барои бартараф намудани таъсири манфии пандемияи COVID-19; тақвияти низомҳои тандурустӣ; вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда ва офатҳо ва идоракунии хавфҳо; баланд бардоштани сатҳи тавоноии институтсионалии шарикони калидии миллӣ; пешбурди баробарии гендерӣ; ҳалли мушкилоти вобаста ба камбуди озуқаворӣ ва камғизоӣ ва таҳкими низомҳои озуқаворӣ; таъсиси низомҳои нави механизмҳои инноватсионии маблағгузорӣ барои ноил шудан ба ҲРУ; ва дигар соҳаҳо.

- Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазоратҳо, идораҳо ва кумитаҳои давлатӣ
- Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ШАРИКОНИ ДАВЛАТӢ

- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия
- Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ
- Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа
- Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ
- Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ
- Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Хоҷагии манзилию коммуналӣ
- Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон
- Кумитаи рушди маҳаллии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазорати кишоварзӣ
- Вазорати фарҳанг
- Вазорати рушди иқтисод ва савдо
- Вазорати маориф ва илм
- Вазорати корҳои хориҷӣ
- Вазорати молия
- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ
- Вазорати саноат ва технологияи нав
- Вазорати корои дохил
- Вазорати адлия
- Вазорати менат, муоират ва шули аол
- Вазорати энергетика ва захираои об
- Суди Олии Т
- Прокуратураи генералии Т
- шунои сарадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Т
- Хадамоти гумруки назди укумати умурии Тоикистон
- Шрои миллии рушди назди Президенти умурии Тоикистон
- Бонки милл
- Маркази миллии гуногунии биолог ва бехатарии биолог
- Комиссияи миллии Тоикистон оид ба корои ЮНЕСКО
- Донишкадаи умуриявии такмили ихтисос ва бозомзии кормандони соаи маориф
- Муассисаи давлатии “Маркази умуриявии технологияи информатсион ва коммуникатсия”
- Муассисаи давлатии “Пажишгои акушер, гинеколог ва перинатологии Тоикистон”
- Маркази умуриявии ташаккули тарзи аёти солим
- Муассисаи давлатии “Маркази умуриявии изо”
- Муассисаи давлатии “Маркази умуриявии пешгир ва мубориза бар
- зидди бемории ВНМО”
- Муассисаи давлатии “Маркази умуриявии омор ва иттилооти тибб”
- Муассисаи давлатии “Маркази умуриявии илмию клиникии педиатр
- ва арроии кдакона”
- Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиолог
- Кумитаи давлатии сармоягузор ва идораи амволи давлат
- Муассисаи давлатии “Маркази татбии лоиаои шарикии давлат ва бахши хусус”
- Муассисаи давлатии “Тиорат инкубатор”
- Муассисаои давлатии “Минтааои озоди итисод: Суд, Данара, Пани поён”

## Маъмуриятҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ

- Вилояти Хатлон
- Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ)
- Вилояти Суғд
- Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

## Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (СҶШ) ва ассотсиатсияҳо

- Иттиҳодияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон
- Шабакаи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба волоияти қонун
- Бюрои ҳимоят аз ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун
- Маркази ҳуқуқи инсон
- Маркази экологии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Гули Сурх
- ИРОДА
- Хома
- Корвони умед
- Наҷоти кӯдакон
- Насли ҷавонони Тоҷикистон
- Ташкилоти ҷамъиятии "Ҳамсол ба ҳамсол"
- Ташкилоти ҷамъиятии "Созмони ҷавонон Пешрафт"
- ТҶ "Гурезаҳо, кӯдакон ва шаҳрвандони осебпазир"
- Ташкилоти ҷамъиятии "Илмхона"
- Ташкилоти ҷамъиятии "Ҳуқуқ ва беҳбудӣ"
- Баробарии Деюре (D'Jure) ба баробарии Дефакто (D'Facto)
- Иқтисод ва маориф
- ТҶ "Рушди инклюзия"
- ТҶ "Гендер ва рушд"
- Форум "Пешсаф"
- Ассотсиатсияи банақшагирии оила дар Тоҷикистон
- ТҶ "Иттиҳоди маъюбон"
- Дигар созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандии миллӣ/минтақавӣ/маҳаллӣ
- ТҶ "Пешрафт"
- Иттиҳодияи ҷамъиятии Кӯҳҳои Помир

## БАХШИ ХУСУСӢ

- Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон
- Палатаи савдо ва саноат
- Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурд ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонӣ
- Палатаи савдои Америко дар Душанбе
- Ассотсиатсияи рушди сайёҳӣ
- Меҳмонхонаи "Ҳилтон"
- Кока Кола Тоҷикистон
- Гурӯҳи Алиф
- 55 Гурӯҳ

## МУАССИСАҲОИ ИЛМӢ ВА ПАЖӮҲИШӢ

- Академияи илмҳо, Институти иқтисодиёт ва демография
- Маркази таҳқиқотии "Зеркало". ҶДММ "Z-analytics"
- Академиям илмҳо, Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмология
- Академияи илмҳо, Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология
- Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
  Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев
- Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
- ҶДММ " Таҳлил ва Машварат "
- Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон
- Пажӯҳишгоҳи илмии меҳнат , муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
- Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
- Институти иқтисодиёт ва демография

## ИТТИҲОДИЯҲОИ КОРФАРМОЁН ВА КОРГАРОН

- Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон
- Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ШАРИКОНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

- Иттиҳоди Аврупо
- Ҳукумати Австралия
- Ҳукумати Австрия
- Ҳукумати Бельгия
- Ҳукумати Канада
- Ҳукумати Дания
- Ҳукумати Финляндия
- Ҳукумати Франция
- Ҳукумати Германия
- Ҳукумати Италия
- Ҳукумати Япония
- Ҳукумати Люксембург
- Ҳукумати Норвегия
- Ҳукумати Словакия
- Ҳукумати Швеция
- Ҳукумати Швейцария
- Ҳукумати Ҷумҳурии Чех
- Ҳукумати РФГ
- Ҳукумати Британияи Кабир
- Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Америко, USAID
- Фонди муштараки ҲРУ
- GAVI, Иттифоқи ваксинаҳо
- Хазинаи глобалии муҳити зист
- Хазинаи глобалии мубориза бо ВНМО, сил ва вараҷа
- Хазинаи СММ COVID MPTF
- Хазинаи СММ оид ба муҳоҷирати СММ
- Хазинаи бунёди сулҳи СММ
- Фондҳои мавзӯӣ Агентиҳои СММ
- Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ
- Бонки Исломии Рушд
- Донорҳои хусусӣ аз Испания, Ҷумҳурии Корея, Италия, Ҷопон, Шветсия ва Иёлоти Муттаҳидаи Америко



© Акмал Усмонов

# МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР ОИДИ ҶТ

**Аҳолӣ**
**9,5 миллион**
2020, AoS

**Сатҳи камбизоатӣ**
**23.6%**
2019, AoS

**ММД ба ҳар сари аҳолӣ**
**$ 859**
2020, World Bank

**Интиқоли шахсии гирифташуда (фоизи ММД)**
**26.7%**
БУ

**Суръати афзоиши аҳолӣ (солона)**
**2.3%**
2020, БУ

Нишондиҳандаи рушди инсон
125 аз 189, Индекси рушди инсонӣ 0,66, Рушди миёнаи инсонӣ 2019, БРСММ






© Акмал Усмонов

БОБИ 1

# ПЕШРАФТҲОИ КАЛИДӢ ДАР КИШВАР

Сарфи назар аз мушкилоти бавуҷудомада дар натиҷаи пандемия, иқтисоди Тоҷикистон соли 2021 ба барқароршавӣ шурӯъ кард ва ММД дар нимаи аввали соли 2021 дар муқоиса бо 4,5% дар соли 2020 ба 8,7% афзоиш ёфт; бо вуҷуди ин, афзоиши мазкур на барои ҳама фоидаи баробар овард. Дар ҳоле ки пешрафти барқароршавии макроиқтисодӣ дар соли 2021 ба даст оварда шудааст, маълум нест, ки оё дар даромади хонаводаҳо ва вазъияти бозори меҳнат беҳбудии мутаносиб ба назар мерасад ё не. Бештар аз 20% хонаводаҳо дар моҳи августи соли 2021 гузориш додаанд, ки ягон узви оила кор намекунад. Ҳиссаи хонаводаҳое (33%) баланд боқӣ мондааст, ки онҳо дар бораи кам кардани истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ гузориш додаанд, дар муқоиса бо сатҳи пеш аз пандемия (20%). Пешрафти мусбат барои бисёре аз хонаводаҳо ин буд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ба Россия дар соли 2021 ба сатҳи пеш аз пандемия баргашт, зеро интиқолҳои пулии шахсӣ манбаъи асосии даромади оилаҳо дар саросари кишвар мебошад. Дар соли 2019, интиқолҳои пулӣ бештар аз 2,3 миллиард доллари ИМА-ро ташкил доданд, ки тақрибан ба 28% ММД-и Тоҷикистон баробар аст. Дар ҳоли ҳозир нигарониҳо дар бораи таъсири таҳримҳои иқтисодии соли 2022 ба Россия ва таъсирҳои эҳтимолии онҳо ба даромад ва некӯаҳволии хонаводаҳои Тоҷикистон бештар мешавад.

Ба туфайли дастгирии назарраси СММ, Тоҷикистон аввалин кишвари Осиёи Марказӣ буд, ки ваксинаи зидди COVID-19-ро тавассути механизми COVAX дар моҳи марти соли 2021 бо роҳандозии расмии Нақшаи милии пешбурди гузаронидани ваксина дарёфт намуд. Кормандони тиббии хати пеш ва мутахассисони соҳаи тандурустӣ аввалин шуда ваксина гирифтанд ва омӯзгорон низ ба гурӯҳи афзалиятдор дохил карда шуданд. Тадбирҳое, ки барои COVAX ҷиҳати таъмини босуръати ваксинаҳо андешида шудаанд, инчунин Ҳукуматро барои қабул кардани хайрияҳои дуҷонибаи ваксинаҳо ва ба ҳадди аксар паҳн намудани ваксинаҳо дар саросари кишвар дастгирӣ карданд. Шумораи ҳолатҳои нави сироятёбӣ ба COVID-19 дар кишвар дар нимаи дуюми сол ба таври назаррас коҳиш ёфт ва мактабҳо аз моҳи августи соли 2020 бидуни танаффус фаъолият мекунанд.

Тоҷикистон ба офатҳои экологӣ осебпазир боқӣ мемонад ва соли 2021 истисно набуд. Дар кишвар бисёр ҳолатҳои фавқулодда, аз ҷумла обхезиҳо, ярчҳо ва селҳо дар вилояти Хатлон (бештар аз 18 000 нафар зарар дидаанд), инчунин заминҷунбӣ дар водии Рашт (16 деҳа зарар дида, бештар аз 300 хонавода ва бештар аз 20 иншооти бахши иҷтимоӣ осеб диданд) рух доданд.

Ба кишвар ҳамчунин ноустувории геополитикии минтақавӣ таъсир расонид, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои ахир дар Афғонистон ва идомаи баҳси марзӣ дар шимоли кишвар ба вуҷуд омадааст. Тоҷикистон ба таҳияи Нақшаи минтақавии вокуниш ба гурезаҳои Афғонистон иштирок намуд ва бо Ҳукумат барои таҳияи нақшаҳои амал дар ҳолатҳои фавқулодда ва омода кардани марказҳои қабул ва иншооти ҷойгиркунӣ ҳамкорӣ кард. Дар соли 2021, Комиссари олии СММ оид ба гурезаҳо 5 598 гурезаҳои навро аз Афғонистон ба қайд гирифт ва мутобиқи арзёбиҳо дар ин кишвар боз шахсони паноҳҷӯяндае низ ҳастанд, ки мехоҳанд мақоми худро бо Ҳукумат танзим намоянд.

Дар доираи омодагӣ ба Конфронси 26 СММ оид ба тағйироти иқлим ва дар чаҳорчӯби уҳдадориҳои худ оид ба Созишномаи Париж, Тоҷикистон маҷмӯи ҳадафҳои бознигаришуда дар бораи коҳиш додани газҳои гулхонаиро дар соли 2021 пешниҳод намуд. Ҳадафҳои бознигаришуда бо дарназардошти ҳолати ибтидоии ислоҳшудаи соли 1990 дорои миқёси васеътари фарогирӣ мебошанд. Ҳарчанд ҳиссаи Тоҷикистон дар газҳои гулхонаӣ камтар аз 1%-и ҳаҷми умумии глобалиро ташкил медиҳад, вале эҳтимол дорад, ки он аз гармшавии глобалӣ ба сабаби экосистемаи нозук, осебпазирӣ ба хатарҳои офатҳои табиӣ ва вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ ба таври номуносиб зарар бинад. Бо дарназардошти ин, кишварро лозим аст, ки роҳи алтернативии диверсификатсияи иқтисодро интихоб намояд, ки на танҳо захираҳои табиии онро ҳифз мекунад, балки он ҳамчунин ба одамон, махсусан онҳое, ки осебпазиртарин дар ҷомеа мебошанд, нигаронида шудааст.

Пандемияи COVID-19 ва таҳаввулоти сиёсии соли 2021 эҳтимол ба пешрафт ҷиҳати расидан ба ҲРУ монеъ шуда, ноил шудан ба ҲРУ-и миллиро ба таври ҷиддӣ ба таъхир андозад, ки ақиб мондаанд. Онҳо ҳамчунин имконияти Ҳукуматро барои беҳтар намудани вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ, таҳкими волоияти қонун ва идоракунии хуб, инчунин гузаронидани дигар ислоҳоти муҳим ва бисёр зарурӣ, махсусан дар робита бо фазои сармоягузорӣ маҳдуд месозанд. Динамикаи амнияти минтақавӣ ва контексти сиёсии дохилӣ барои волоияти қонун, ҳуқуқи инсон, фарогирӣ ва иштирок, инчунин ваҳдати иҷтимоӣ ва сулҳ мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд меорад.



© Бахтиёр Мирзоев, Хазинаи нуфуси СММ (UNFPA)

БОБИ 2

# ТАВСИФИ НАТИҶАҲОИ БАРНОМАИ ҚОЛАБИИ ҲАМКОРӢ

Шарикии СММ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эътимод, масъулияти дуҷониба ва ҳисоботдиҳӣ асос ёфтааст. Аз замони истиқлолияти кишвар дар соли 1991, СММ наздиктарин шарики башардӯстона ва рушд буда, ба Тоҷикистон дар ташкили муассисаҳои мухталифи худ, сармоягузорӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва дастгирии ҳадафҳои миллӣ кумак кардааст.

Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Дастаи кишварии СММ Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушдро (дар ибтидо давраи солҳои 2016-2020 фаро мегирифт ва ҳоло то соли 2022 тамдид карда шудааст) ҳамчун механизми дастгирӣ ҷиҳати ноил шудан ба афзалиятҳои рушди Тоҷикистон таҳия намуд. Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд дар атрофи чаҳор соҳаи ҷудогона, вале дорои робитаи мутақобили ҳамкорӣ (рукнҳо) бо дар бар гирифтани шаш (6) «натиҷаи ниҳоии» стратегӣ ташкил карда шудааст, ки ба таври муштарак аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон ва СММ бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян карда шудаанд.

Дар соли 2021, Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд аҳамияти худро нигоҳ дошта, бо ҳадафҳои миллии рушди Тоҷикистон бо дарназардошти афзалиятҳо ва ниёзҳои кишвар ва шаҳрвандони он мувофиқат намуд, дар ҳоле ки идораҳои СММ мандатҳо ва меъёрҳою стандартҳои байналмилалии худро ба таври самарабахш риоя карданд. Идораҳои СММ бетарафӣ, беғаразӣ, таҷрибаи техникӣ ва обрӯи худро дар мусоидат ба пешрафти Тоҷикистон дар соҳаҳои муҳимиислоҳот ва пайвастани онҳо ба ҲРУ нишон доданд. Ҳамчунин, омилҳо ба қабили муколамаи фаъол бо Ҳукумат, тартиботи зуд қабул кардани қарорҳо, шарикии қавӣ миёни идораҳои СММ ва ҷонибҳои манфиатдори миллӣ ва коммуникатсия бо шарикони рушд ба сатҳи самарабахшии фаъолиятҳо мусоидат намуданд.

# НАТИҶАҲО

1. Идоракунии демократӣ, волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон
2. Рушди иқтисодии устувор ва одилона
3. Рушди иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ)
4. Ғизохӯрӣ ва амнияти озуқаворӣ
5. Фарогирӣ ва қодирсозии (додани ҳуқуқ ва имкониятҳо ба) гурӯҳҳои осебпазир
6. Муқовиматпазирӣ ва масъулияти экологӣ



© Д. Садуллоев, ЮНИСЕФ Тоҷикистон

## Вокуниш ба пандемияи COVID-19

СММ дастгирии Ҳукумати Тоҷикистонро ҷиҳати вокуниш ба пандемияи COVID-19, расонидани кумаки техникӣ ва молиявӣ барои бартараф намудани оқибатҳои асосии пандемия ба низоми тандурустӣ ва коҳиш додани оқибатҳои дуюмдараҷи COVID-19 ба вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ идома дод, ки ба таври назаррас таъсир бардошта буд. Барои кумак ба Тоҷикистон дар идоракунии буҳрони тандурустии ҷамъиятӣ ва дастгирии барқарорсозии иҷтимоию иқтисодӣ, СММ дар Тоҷикистон Барномаи қолабии ҳамгирошудаи ба паёмадҳои иҷтимоиву иқтисодиро (ISEF) дар соли 2020 таҳия намуд. Барномаи қолабии ҳамгирошудаи иҷтимоиву иқтисодӣ ҷиҳати вокуниш ба пандемияи COVID-19 дар чаҳорчӯби шарикии васеъ дар байни тамоми идораҳои СММ дар Тоҷикистон таҳти роҳбарии Ҳамоҳангсози доимӣ таҳия карда шуд. Дар соли 2021, СММ барои ҳамгирсозии Барномаи қолабии ҳамгирошудаи иҷтимоиву иқтисодӣ ва нақшаҳои кори муштараки Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд ҷиҳати таъмини вокуниши давомдор ва ҳамоҳангшудаи кӯтоҳмуддат, миёнамуддат ва дарозмуддат ба COVID-19 ва мушкилоти вобаста ба рушди устувор якҷо кор кард.

Идораҳои СММ Вазорати тандурустиро барои таҳия ва ба охир расонидани Нақшаи милии пешбурди гузаронидани ваксина дастгирӣ намуданд, ки дар он гурӯҳҳои афзалиятдори мавриди ҳадафи Тоҷикистон – кормандони соҳаи тандурустӣ, одамони куҳансоли дорои бемориҳои музмин ва ҳамроҳикунанда, коргарони асосӣ ва омӯзгорон ҳамчун гурӯҳҳои асосии афзалиятдор дар марҳилаи аввал нишон дода шудаанд. Нақшаи мазкур барои кишвар ҷиҳати ба таври муносиб омода кардани низоми тандурустии худ барои оғоз кардани маъракаи эмгузаронӣ бо аввалин партияи ваксинаҳои қабулшуда дар моҳи март заминаи қавӣ фароҳам овард. Дар соли 2021, идораҳои СММ харид ва интиқоли бештар аз ёздаҳ миллион дозаи ваксинаи COVID-19-ро дастгирӣ кард – 42% онҳо тавассути платформаи "COVAX Advance Market Conmitment" таъмин карда шуданд. Нақшаи милии пешбурди гузаронидани ваксина ҳамчунин барои роҳандозии шарикӣ бо муассисаҳои байналмилалии молиявӣ замина фароҳам овард. Идораҳои СММ низ дар маъракаҳои эмгузаронӣ, баланд бардоштани сатҳи тавоноии кормандони соҳаи тандурустӣ, таъмини таҷҳизоти зарурӣ, таҳкими логистика ва "занҷираи сарднигоҳдорӣ" ҷиҳати эмгузаронии ҷомеаҳои дурдаст ва эҷоди тақозо барои ваксина ҷалб шудаанд.



### Ҷой барои инфографика оид ба натиҷаҳои COVID-19/Барномаи қолабии ҳамгирошудаи иҷтимоиву иқтисодӣ (ISEF) – аз рӯи сутунҳо

#### Тандурустӣ

**2,296,555**
Саломатии модар

**511,725**
Эмгузаронӣ

**14,000**
Дастгирии кормандони тиббӣ

#### Ҳифз

**754,812**
Дастрасӣ ба об, санитария ва гигиена

**880,112**
бо хӯроки гарм таъмин карда шуданд

**13,615**
Дастрасӣ ба хидматрасониҳои ҳифзи иҷтимоӣ

#### Иқтисод

**15,091**
баҳрагирандаи мутақими режимҳои ҳифзи таъмини озуқаворӣ

**3115**
коргар дар тӯли пандемияи COVID-19 ва пас аз он дастгирӣ карда шуданд

#### Макроиқтисод

Арзёбиҳои таъсири иҷтимоию иқтисодӣ

Арзёбии таъсири иқтисодӣ (сиёсати молиявӣ)

#### Ваҳдати иҷтимоӣ

Тавоноии **7** муассиса барои таҳияи сиёсати вокуниш баланд бардошта шуд

**57**
созмони сатҳи ҷомеа дастгирӣ карда шуданд

**5**
муколамаи иҷтимоӣ ва эдвокасӣ (ташвиқоту тарғибот)



© Д. Садуллоев, ЮНИСЕФ Тоҷикистон

## Амалҳои муштараки СММ дар бахши ғизохӯрӣ

Амнияти озуқаворӣ ва ғизохӯрӣ яке аз бахшҳои калидии мавриди нигаронӣ дар Тоҷикистон боқӣ мемонад, зеро аз ҳар се хонавода як хонавода дар Тоҷикистон ба таври муътадил ё шадид ба норасоии озуқаворӣ рӯ ба рӯ аст ва мутобиқи арзёбиҳо аз 30 то 50 дарсади хонаводаҳо имконияти таъмини маҳсулоти озуқаворӣи серғизоро надоранд. СММ бо Ҳукумат ва шарикони рушд дар мубориза бо камғизоӣ аз наздик ҳамкорӣ намуд ва дар соли 2021 Стратегияи муштараки барномаи чаҳорчӯбавии СММ оид ба ғизохӯриро барои густариши корхо ҷиҳати ҳалли мушкилоти вобаста амнияти озуқаворӣ ва камғизоӣ дар кишвар таҳия намуд. Дар чаҳорчӯби барномаҳои ғизодиҳӣ дар мактаб, СММ дар соли 2021 ба бештар аз 542 800 кӯдакро дар тақрибан 2000 мактаб дар саросари кишвар бо ғизои гарми мактабӣ таъмин намуд.

Дар сатҳи сиёсат, СММ диққати худро ба дастгирии Ҳукумат барои андешидани чораҳо оид ба таҳкими низомҳои озуқаворӣ ҳамчун ҷавоб ба Саммити глобалӣ оид ба низомҳои озуқаворӣ равона намуд, ки дар моҳи сентябри соли 2021 даъват шуда буд. СММ Ҳукуматро барои амалӣ намудани як қатор муколамаҳои миллӣ ва зермиллӣ дастгирӣ намуд, ки садҳо ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла, мақомоти маҳаллӣ, хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ва падару модаронро барои муайян кардани мушкилот ва имкониятҳои низомҳои озуқаворӣ дар Тоҷикистон гирди ҳам оваранд. Натиҷаи ин муколамаҳо Роҳи рушди миллии системаи озуқаворӣ буд, ки дар он як қатор амалҳои сиёсии дигаргунсозӣ барои хотима додани норасоии озуқаворӣ муайян карда шуданд. СММ акнун Ҳукуматро дар татбиқи ин Роҳи рушди миллии системаи озуқаворӣ барои бартараф намудани сабабҳои асосии камғизоӣ дастгирӣ хоҳад кард.

## Маблағгузории ҲРУ

Пандемияи COVID-19 ба қобилиятҳои ҳукуматҳо дар саросари ҷаҳон, аз ҷумла Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати ноил шудан ба ҲРУ таъсири назаррас расонид. Он Ҳукумати Тоҷикистонро водор намуд, ки тарзҳои нави маблағгузории стратегияҳои миёнамуддат ва дарозмуддатро муайян намуда, имкониятҳои шарикиро барои амалӣ намудани дурнамоҳои ҲРУ омӯзад. Дар соли 2021, Ҳукумати Тоҷикистон бо дастгирии СММ дар таҳкими чаҳорчӯби сиёсат ва меъмории институтсионалии маблағгузории афзалиятҳои миллӣ ва ҲРУ ба пешрафти назаррас ноил гардид. Ба туфайли машварати маҷмӯии сиёсии СММ бори аввал Ҳукумат дар бораи хароҷот, захираҳои вуҷуддошта, холигоҳҳои маблағгузорӣ ва бартариҳои нисбии алтернативаҳои сиёсати соҳавӣ тасаввуроти равшанро ба даст овард. Гурӯҳи кории муштараки коршиносони техникии СММ заминаи қавии таҳлилии меъмории миллии маблағгузории ҲРУ-ро эҷод намуда, бар асоси он Ҳукуматро дар таҳияи харитаи роҳ барои маблағгузории Ҳадафҳои рушди устувор-ро дастгирӣ намуд. Харитаи роҳ роҳнамой ва вариантҳои пешбурди афзалиятҳои рушд ва кушодани манбаъҳои иловагии маблағгузориро пешниҳод мекунад.

## Вокуниш ба зӯроварии гендерӣ ва пешгирии он

Дар тӯли соли 2021, СММ шарикии худро бо Ҳукумат ҷиҳати мубориза бо зӯроварии гендерӣ тақвият ва густариш дод. СММ ба 80 000 бахрагирандаи инфиродӣ хидматрасониҳои муҳимро барои вокуниш ба зӯроварӣ дар оила ва пешгирии он пешниҳод намуд. Ба туфайли таҳкими тавоноии институтсионалӣ, ташвиқоту таблиғот ва фаъолиятҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон, ки аз ҷониби гурӯҳи кории техникии бисёрсоҳавӣ омода ва барои баррасӣ ба Ҳукумат дар охири соли 2021 пешниҳод карда шуд, моддаи мушаххас оид ба зӯроварӣ дар оиларо дар бар мегирад, моддаи 153, ки ҷазои то 7 сол маҳрумсозӣ аз озодиро пешбинӣ менамояд.



# ТАВСИФИ НАТИҶАҲОИ МИЁНАМУДДАТ ВА НИҲОИИ БАРНОМАИ ҚОЛАБИИ СММ ОИД БА РАСОНИДАНИ КУМАК БАРОИ РУШД



© Акмал Усмонов

# НАТИҶАИ 1
# ИДОРАКУНИИ ДЕМОКРАТӢ, ВОЛОИЯТИ ҚОНУН ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН



© Шӯҳрат Аброров, Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ (UNODC)

**13,799**
нафар дар бораи ҳуқуқҳои худ барои истифода аз хидматрасониҳои ройгони ҳуқуқии аз ҷониби Ҳукумат ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳодшаванда баён кардаанд.

**40%**
саҳм аз буҷети давлатӣ барои хидматрасониҳои ройгони ҳуқуқӣ ҷиҳати гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ.

**8**
қонун ва барномаҳои давлатӣ бо дарназардошти меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалӣ бознигарӣ карда шудаанд.

Буҷет барои Натиҷаи 1 бо доллари ИМА




UNDP, UNICEF, UNFPA, UNODC, UNHCR, OHCHR, UNRCCA, IOM

СММ ҳамчун шарики боэътимоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешбурди ҳуқуқи инсон ва рӯзномаи ба ҳифзи ҳуқуқ асосёфта барои мардуми кишвар, ташвиқи таъмини самарабахш ва ҳисоботдиҳандаи хидматрасониҳои давлатӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ мебошад.

Дар сатҳи сиёсат, СММ дастгирии техникӣ ва эҷоди платформаҳоро дар байни ҷонибҳои манфиатдори калидии миллӣ барои мусоидат ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ҳуҷҷатҳои асосии сиёсӣ ва қабули онҳо идома дод. Дар натиҷа, дар соли 2021, 8 қонун ва барномаҳои давлатӣ мутобиқи меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалӣ бознигарӣ карда шуданд. Сиёсатҳои соҳавӣ ва қонунгузории такмилшуда аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои танзимкунандаи масъалаҳои вобаста ба шаҳрвандӣ ва бешаҳрвандӣ, сиёсатҳои вобаста ба пешниҳод кардани паноҳгоҳ ва ҳимояи гурезаҳо иборат мебошанд. СММ ҳамчунин бо Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати қабул намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ бо мақсади бештар дӯстона кардани мурофиаҳои судӣ нисбат ба кӯдакон ё ҷалби кӯдакон ҳамкорӣ намуд.

Идораҳои СММ барои мусоидат ба муколама ва ҳамоҳангсозии муштарак дар байни Ҳукумат ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба пешрафти назаррас ноил шуданд. Дар соли 2021, Ҳукумат дар ҳамкории наздик бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ се ҳуҷҷати стратегиро таҳия намуд. Ҳангоми таҳияи Барномаи рушди миёнамуҳлат барои солҳои 2021-2025 аз рӯйкарди асосёфта ба иштирок истифода шуда, доираи васеъи субъектҳои ғайридавлатӣ ҷалб карда шуданд. Аъзоёни ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчунин ба таҳияи Стратегияи миллии ҳуқуқи инсон ва Шарҳи универсалии давравӣ бо дастгирии техникии СММ дар Тоҷикистон иштирок намуданд. Идораҳои СММ дар Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Созмони одамони дорои маъюбият қабули барномаи давлатии “Муҳити дастрас барои солҳои 2021-2025”-ро дастгирӣ карданд. Дар байни созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандии таҳқиқшуда, 85% аз иштирок ва ҷалби доимии худ дар татбиқи тавсияҳои механизмҳои СММ оид ба ҳуқуқи инсон изҳори қаноатмандӣ карданд.

СММ дар мавриди масъалаҳои вобаста ба дастрасӣ ба адолати судӣ фаъол боқӣ мемонад ва дастгирии кумаки ройгони ҳуқуқии аз ҷониби давлат маблағгузоришаванда ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро идома медиҳад. Пас аз ташкил намудани Муассисаи давлатии “Ёрии ҳуқуқӣ” дар соли 2020, якҷо бо 37 маркази давлатӣ оид ба расонидани кумаки ҳуқуқӣ дар саросари кишвар, идораҳои СММ барои таъмини устуворӣ ва масъулияти мақомоти давлатии низоми давлатии пешниҳоди кумакҳои ройгони ҳуқуқӣ ба корҳои ташвиқотию тарғиботиро роҳбарӣ намуданд. Дар натиҷа, саҳми молиявии Ҳукумат барои расонидани кумакҳои ройгони ҳуқуқӣ ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ мутобиқи буҷети солонаи давлатӣ 40% афзоиш ёфт. Кумакҳои ройгони ҳуқуқӣ ба 13799 нафар, аз ҷумла ба гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯянда дар саросари кишвар расонида шуданд ва сатҳи қаноатмандӣ ва сифат пешниҳоди кумакҳо дар сатҳи 98% арзёбӣ карда шудааст.

## Дастгирии ислоҳоти низоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон

Лоиҳаи ислоҳоти низоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар ҳамкории наздик бо Вазорати адлия татбиқ карда мешавад. Лоиҳаи мазкур бо ҷонибҳои манфиатдор барои беҳтар намудани фаъолияти идораҳо ва механизмҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва бештар ҷавобгӯ будан ба ниёзҳои аҳолӣ ҳам тавассути баланд бардоштани сатҳи тавоноӣ дар байни муассисаҳои дахлдор ва ҷонибҳои манфиатдор ва ҳамчунин соддасозӣ ва стандартикунонии равандҳои корӣ кор мекунад.

Дар соли 2021, СММ якҷо бо Вазорати адлия Идораи сайёри сабти асноди ҳолати шаҳрвандиро барои расонидани кумаки ҳуқуқӣ ба аҳолии минтақаҳои дурдаст пешниҳод намудани иттилоот оид ба равандҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) ба таври озмоиш (пилотӣ) ташкил намуданд. Дар маҷмӯъ, 386 нафар (60% занон) аз Идораи сайёри сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ хидматрасониҳои вобаста ба САҲШ-ро дарёфт намуданд. Идораи сайёри сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар 18 ноҳияи дурдасти вилоятхои Суғд, вилояти Хатлон, ВМКБ ва НТҶ 296 сабт (279 таваллуд, 3 фавт, 11 ақди никоҳ, 1 сабти фарзандхонӣ, 1 сабти падарӣ)-ро анҷом дода, 90 машварати ройгони ҳуқуқӣ пешниҳод намуд. Ин лоиҳаи озмоишӣ ҳамчун рӯйкарди инноватсионӣ ҷиҳати густариши пешниҳоди хидматрасониҳо оид ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва фарогирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар маконҳои дурдаст дар саросари кишвар хидмат хоҳад кард.



© Нозим Қаландаров, БРСММ Тоҷикистон

# НАТИҶАИ 2
# РУШДИ ИҚТИСОДИИ УСТУВОР ВА ОДИЛОНА



© Нозанин Ҳомидҷонова

**268,044**
нафар бо манбаъҳои алтернативии камхарҷи энергияи барқароршаванда фаро гирифта шуданд.

**2,753**
ба омӯзиш ҳангоми идомаи кор оид ба соҳибкорӣ/бизнес ҷалб карда шуданд.

**861**
ҷои кори доимӣ ва мавсимӣ эҷод карда шуданд.

**3**
санади зерқонунӣ дар бораи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва самарабахшии энергия.

**24,799**
нафар воситаҳои рӯзгузаронии худро тавассути барномаҳои дастгирӣ беҳтар намуданд.

**106**
бизнес-стартап аз ҷониби ҷавонон ташкил карда шуданд.

Буҷет барои Натиҷаи 2 бо доллари ИМА




UNDP, FAO, UN WOMEN, UNESCO, UNFPA, ILO, WFP, IOM, UNECE, UNHCR, UNICEF

Паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди фарогири иқтисодӣ яке аз соҳаҳои асосии афзалиятдор барои Ҳукумати Тоҷикистон боқӣ мемонанд ва СММ пешниҳоди таҷрибаи техникиро ҷиҳати кумак ба Ҳукумати Тоҷикистон дар таҳияи сиёсатҳои соҳавӣ ва барномаҳои самарабахш барои ноил шудан ба дидгоҳи баландҳиммати он оид ба тағйир додани иқтисод идома медиҳад.

Дар сатҳи сиёсат, СММ ба Ҳукумат барои ба охир расонидани таҳияи Барномаи рушди миёнамуҳлат барои солҳои 2021-2025 кумак намуд, ки бо ҳадафҳои рушди устувор ва равона намудани диққати махсус ба саноатикунонии босуръат, иқтисоди сабз, иқтисоди рақамӣ ва инноватсия мувофиқат мекунад. СММ дар Тоҷикистон ҳамчунин бо вазоратҳои асосии соҳавӣ ҷиҳати таҳияи маҷмӯи барномаҳо ва стратегияҳо, аз ҷумла Нақшаи миллии сармоягузорӣ, Барномаи миллии пешбурди содирот барои солҳои 2021-2025, Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, Харитаи роҳи миллӣ оид ба иқтисоди рақамӣ ва Харитаи роҳи стратегӣ оид ба таҳкими бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи умумимиллӣ то соли 2030 ҳамкорӣ намуд. Дар соли 2021, идораҳои СММ бо Парламенти Тоҷикистон ва Кумита оид ба иқтисод ва молияи он барои баланд бардоштани сатҳи тавоноии назоратии он дар самти суръат бахшидан ва ноил шудан ба ҲРУ ва маблағгузории рушди миллӣ ҳамкорӣ кард.

Дар ҳамкорӣ бо дигар шарикони рушд, СММ ба пешбурди соҳибкорӣ ва экосистемаи стартапҳо мусоидат намуда, ҷонибҳои манфиатдори гуногунро дар платформаҳо, ба монанди "Стартап Чойхона", платформаҳои "InnoResponse" ва Бизнес-инкубатори давлатӣ муттаҳид намуд. Дар натиҷа, 35409 нафар зан ҳамчун соҳибкорони инфиродӣ дар ҳукумат ба қайд гирифта шуда, 106 стартапи аз ҷониби ҷавонони аз 15 то 29 сола ташкилшуда дастгирии баъдиро дарёфт намуданд.

Идораҳои СММ дар ташкили ҷойҳои кории вақти пурра тавассути фаъолиятҳои кишоварзӣ ва соҳибкории хурд кумак карданд. Дар соли 2021, 861 ҷойи кори вақти пурра ва мавсимӣ ташкил карда шуданд. Фаъолияти мазкур имкониятҳои 24700 нафарро ҷиҳати дарёфти воситаҳои рӯзгузаронӣ беҳтар кард. Ин натиҷаҳо ба хотири шарикии қавӣ ва муассир бо шарикони давлатӣ, инчунин бахши хусусӣ тавассути пешниҳод намудани таҷҳизот ва ҳамчунин машваратҳои техникӣ ва тиҷоратӣ ба даст оварда шуданд.

Идораҳои СММ ҳамчунин ба рушди устувори иқтисодӣ бо таваҷҷуҳ ба роҳиҳалҳое, ки ба иқлим таъсир намерасонанд ва навовариҳо дар идоракунии захираҳои табиӣ мусоидат мекунанд. СММ барои навсозӣ ва тағйир додани шаш санади зерқонунӣ дар бораи идоракунии таъминоти об ва 3 санади зерқонунӣ оид ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва самарабахшии энергия таҷрибаи техникӣ пешниҳод намуд. СММ якҷо бо Кумитаи ҳифзи муҳити зист ду қитъаи намоиширо дар ноҳияҳои Хуросон ва Ёвон барои насби системаҳои обёрӣ тавассути энергияи офтобӣ интихоб кард. Дар натиҷаи ин тадбирҳо ва дастгирӣ, ҳоло 268044 нафар (40% занон) дар минтақаҳои деҳот бо энергияи алтернативии барқароршавандаи камхарҷи ба шабака пайвастшуда ва пайвастнашуда фаро гирифта шудаанд. СММ дар ҷамъоварии додаҳо оид ба идоракунии устувори энергия ва захираҳои об ва ҳамчунин мониторинг ҷиҳати беҳтар намудани иқтидори миллӣ барои идоракунии ҳамгирошудаи энергия ва захираҳои об мусоидат намуд.



© Нозим Қаландаров, ФАО

# НАТИҶАИ 3
# РУШДИ ИҶТИМОӢ
(тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ)



© Азиз Нуруллаев, ЮНИСЕФ Тоҷикистон

## НАТИҶАИ 3.1 ТАНДУРУСТӢ

**93%**
занон ҳадди ақал чаҳор маротиба ҳангоми ҳомиладорӣ барои нигоҳубини пеш аз таваллуд ташриф овардаанд.

**8x**
карат афзоиш аз 4500 то ҳадди аксар 34 400 имконияти ҳафтаинаи ташхиси COVID-19.

**1.27**
млн. кӯдак бар зидди полиомиелит эмгузаронӣ карда шуданд.

**97,6%**
таваллудҳо аз ҷониби кормандони боихтисоси тиббӣ дар муассисаҳои тиббӣ қабул карда шуданд (20%+).

**3.04**
млн. нафар дозаҳои пурраи ваксинаи зидди COVID-19-ро гирифтанд.

**28,900**
нафар барои ВНМО/БПНМ ташхис карда шуданд.

Буҷет барои Натиҷаи 3.1 бо доллари ИМА




WHO, UNICEF, UNDP, UNFPA, UN WOMEN, UNODC, WFP, UNHCR, UNDRR, ILO, FAO, UNOPS, UNAIDS, OIE, IOM

Ҳукумати Тоҷикистон ҷонибдори таъмини дастраси баробар ба хидматрасониҳои асосии тиббӣ мебошад ва бо идораҳои СММ барои тақвияти низоми тандурустӣ дар кишвар ҳамкории наздик дорад.

Дар соли 2021, идораҳои СММ ба гурӯҳи кории бисёрсоҳавӣ дар таҳия ва тасдиқи Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мусоидат намуда, якҷо бо Ҳукумат нақшаи чорабиниҳоро барои солҳои 2021-2023 таҳия намуданд. Бо роҳнамоии Нақшаи кишварии омодагӣ ва вокуниш ба COVID-19 ва Барномаи қолабии ҳамгирошудаи иҷтимоиву иқтисодӣ, идораҳои СММ дастгирии ҷонибҳои гуногуни манфиатдорро барои бартараф намудани таъсири мустақими пандемия ба низомҳои тандурустӣ идома доданд.

Идораҳои СММ дастгирии ҳамоҳангсозӣ, банақшагирӣ ва татбиқи нақшаи пешбурди гузаронидани ваксинаи зидди COVID-19-ро дар сатҳи кишвар идома дода, дар муҳаҳҳазсозии коргарони хати пеш ва эҷоди тақозо ба ваксинаҳо дар байни аҳолии мавриди ҳадаф кумак намуданд. Бо дастгирии техникии идораҳои СММ ва шарикии эҷодшуда дар байни Ҳукумат ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ тақрибан 3,04 миллион нафар ду дозаи пурраи ваксинаҳои зидди COVID-19-ро гирифтанд. Идораҳои СММ ҳамчунин дар таҳкими тавоноиҳои озмоишгоҳӣ (лабораторӣ) дар ошкор намудани COVID-19 ба пешрафти назаррас ноил гардиданд ва иқтидори ҳафтаинаи ташхиси COVID-19 аз 4 500 то ҳадди аксар 34 400 афзоиш ёфт.

Идораҳои СММ дастгирии татбиқи Барномаи миллии мубориза бо ВНМО/БПНМ-ро идома медиҳанд, ки барои суръат бахшидан ба пешрафт ва пешгирии эпидемияи ВНМО дар Тоҷикистон, коҳиш додани сатҳи фавт аз беморӣ БПНМ ва дастрасии умумӣ ба хидматрасониҳои босифати пешгирии ВНМО, табобат ва нигоҳубин барои ҳама пешбинӣ шудааст. Барномаҳои пешгирии ВНМО бештар аз 30000 нафарро аз гурӯҳҳои осебпазир фаро гирифтанд ва 93 дарсади шахсони зиндагикунанда бо ВНМО табобати зиддиретровирусӣ гирифтанд.

Бо истифода аз далелҳои қавии таҳқиқоти хидматрасониҳо оид ба банақшагирии оила, СММ ба Вазорати тандурустӣ барои бознигарӣ намудани Барномаи ҷории солимии репродуктивӣ барои солҳои 2019-2022 дастгирии техникӣ пешниҳод намуд. Дар натиҷа, Вазорати тандурустӣ Нусхаи нави табдилкунандаи Нақшаи амал оид ба бехатарии молҳои саломатии репродуктивиро таҳия намуд, ки барои беҳтар намудани хидматрасониҳои вобаста ба банақшагирии оила, таъмини сафарбаркунии захираҳо ва ӯҳдадориҳои Ҳукумат ҷиҳати бартараф намудани фавти модарон ва беморӣҳо пешниҳод шудааст.

СММ дастгирии вокуниши миллӣ ба бемории сил, аз ҷумла тавассути хариди тестҳои баландсифати ташхисӣ, тестҳои зиддиретровирусӣ ва доруҳои қатори дуюми зидди бемории силро идома дод. Муваффақияти табобати бемории сил ба 91,3% расид.

Дар моҳи ноябри соли 2020, механизми назорати барвақти эпидемиологии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) дар ҷануби кишвар ва дар шаҳри Душанбе дубора пайдо шудани ҳолатҳои бемории полиомиелитро муайян намуд, ки аз ваксина сарчашма гирифтаанд. Мутобиқи чаҳорчӯби глобалии вокуниш ба бемории полиомиелит, дар тӯли нимаи аввали соли 2021, идораҳои СММ бо Вазорати тандурустӣ барои оғоз намудани маъракаи миллии эмгузаронӣ бар зидди бемории полиомиелит ҳамкорӣ намуда, эмгузарони иловагии зидди полиомиелитро барои 1,27 миллион кӯдак бо фарогирии 99% таъмин намуданд.

Идораҳои СММ истифодаи механизмҳои вуҷуддошта ва навро барои таҳкими низомҳои тандурустии кишвар идома медиҳанд. Дар соли 2021, ТУТ-ЮНИСЕФ-GIZ Барномаи рушди тандурустиро роҳандозӣ намуданд, ки аз ҷониби Иттиҳодия Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад. Барномаи мазкур барои таҳкими механизми идоракунӣ ва маблағгузории соҳаи тандурустӣ, беҳтар кардани сифати таъмини ҳамгирошудаи кумакҳои аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС) ва системаҳои самарабахши профилактика ва назорати инфексия дар низомҳои расонидани кумаки тиббӣ пешбинӣ шудааст; Хазинаи нуфуси СММ (UNFPA)-ЮНИСЕФ-ТУТ Хизматрасонӣ ба тандурустии модару кӯдакро дар вилояти Хатлон оғоз кард, ки аз ҷониби Бонки исломии рушд маблағгузорӣ мешавад, ва ФАО-ТУТ ҳамгиросозии принсипи "Як саломатӣ барои ҳама" (One Health)-ро бо ҳадафи таҳкими тавоноии ҷонибҳои манфиатдор барои мубориза бо муқовимати зиддимикробӣ боз ҳам тақвият дод.



© Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ



© БРСММ дар Тоҷикистон

# НАТИҶАИ 3.2 **МАОРИФ**

**542,800**
хонанда хӯроки ҳаррӯзаи мактабиро дарёфт намуданд.

**741,000**
хонанда ва омӯзгорон ашёи гигиениро дарёфт намуданд
(собун, антисептикҳо, хлор ва дигар воситаҳои дезинфексиякунанда)

**183,391**
кӯдак аз равишҳои навоваронаи омӯзиш
(моделҳои рақамӣ ва телевизионии таҳсилот)
баҳраманд шуданд.

**8,377**
ҷавон дар бораи маҳоратҳои бозоргир дар асри 21 омӯзонида шуданд.

**2 миллион**
кӯдак аз маъракаи баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи масъалаҳои бехатарии вобаста ба COVID-19 баҳраманд шуданд.

Буҷет барои Натиҷаи 3.2 бо доллари ИМА




UNICEF, UNESCO, UNHCR, WHO, UNFPA, WFP

Пандемия пешрафт дар самти ноил шудан ба ҲРУ 4 ва ҳадафҳои онро зери хатар гузошт, ки ин боиси талафот дар омӯзиш ва рукуд дар баланд бардоштани сифати таҳсилот мешавад. Барои ҳалли ин масъала, диққат ва дастгирии бештар ба ҳамкории наздик бо шахсони муайянкунандаи сиёсат дар соҳаи маориф оид ба кам кардани талафот дар омӯзиш ва эҷоди низомҳои устувори маориф тавассути баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ, тавонмандсозӣ ва пешниҳоди машваратҳои сиёсӣ равона карда шуд.

Идораҳои СММ Вазорати маориф ва илмро дар татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2021-2030, пешниҳоди дастгирии техникӣ дар банақшагирии ба натиҷа асосёфта, таҳияи чаҳорчӯби мониторинг ва арзёбии стратегияи миллӣ дастгирӣ мекунанд. Чанд санади сиёсӣ, ки дурнамои кишварро оид ба ислоҳоти нави соҳаи маориф муайян мекунанд, аз ҷумла Консепсияи миллии тарбия, Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир ва стратегия оид ба илм, технология, муҳандисӣ ва ва математика таҳия шуда, дар ҳоли тасдиқ аз ҷониби Ҳукумат қарор доранд.

Ислоҳоти низомҳои такмили ихтисос ҳангоми идомаи кор ва дастгирии омӯзгорон тавассути ҷорӣ намудани омӯзиши омехта ва низоми ҳамаҷонибаи идоракунии омӯзиши касбии давомдор оғоз карда шуд. Зарфиятҳои омӯзгорон ҳамчунин оид ба пешгирии зӯроварӣ ва зӯргӯӣ дар мактабҳо, шаҳрвандии глобалӣ ва малакаҳои роҳбарӣ, аз ҷумла дар бораи пешбурди тарзи ҳаёти солим ва ғизохӯрӣ баланд бардошта шуданд.

Барномаи ғизои мактабӣ, ки аз ҷониби СММ дастгирӣ карда мешавад, бештар аз 542800 хонандаи синфҳои ибтидоиро дар тақрибан 2000 мактаб фаро гирифт. СММ ва Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон дар мавриди ташкил намудани маркази ғизоӣ мактабӣ дар чаҳорчӯби мандати Вазорат ёддошти тафоҳумро ба имзо расониданд.

Дар тӯли сол, идораҳои СММ дастгирии муассисаҳои таълимиро дар татбиқи стандартҳои бехатарӣ ва андешидани чораҳои эҳтиётӣ барои пешгирии COVID-19 идома доданд. Тавассути маъракаи умумимиллӣ оид ба масъалаҳои бехатарӣ, СММ ҳамаи мактабҳо ва муассисаҳои томактабӣ, бештар аз ду миллион хонандаро бо маъракаи баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба бехатарӣ фаро гирифт.

Шарикиҳои нави стратегӣ бо донорҳои дуҷониба ва муассисаҳои молиявии байналмилалӣ баркарор карда шуданд. Бо дастгирии Иттиҳодияи Аврупо, ЮНЕСКО ва ЮНИСЕФ, Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон Барномаи II дастгирии таҳсилоти босифатро ба имзо расонид, ки дар моҳи декабри соли 2021 оғоз гардид. Идораҳои СММ ташаббуси навро барои васеъ кардани дастрасӣ ба таҳсилоти барвақти кӯдакон якҷо бо Шарикии глобалӣ барои таҳсилот (GPE) оғоз карданд.

Озмоишгоҳҳои инноватсионии аз ҷониби СММ дастгиришаванда дар ҳашт ноҳияи дигар васеъ карда шуданд. Дар натиҷа, шумораи озмоишгоҳҳои инноватсионӣ дар Тоҷикистон ба 24 адад расид ва ба хотири онҳо 8377 нафар ҷавон оид ба маҳоратҳои бозоргир дар асри 21 омӯзиш дода шуданд, ки барои бозори меҳнати муосир зарур мебошанд.



© Манучеҳр Рузиев, UNICEF дар Тоҷикистон



© СММ дар Тоҷикистон

## НАТИҶАИ 3.3 **ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ**

**2,138,556**
нафар бо низомҳои ҳифзи иҷтимоӣ фаро гирифта шуданд.

**360**
кормандi давлатӣ сатҳи тавоноиҳои худро барои пешниҳоди хидматрасониҳои боисфати ҳифзи иҷтимоӣ баланд бардоштанд.

**6**
санади қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои стратегӣ барои тақвияти низомҳои ҳифзи иҷтимоӣ таҳия карда шуданд.

Буҷет барои Натиҷаи 3.3 бо доллари ИМА




UNICEF, WFP, ILO, UN WOMEN, UNFPA, UNHCR, IOM

СММ барои кумак ба Ҳукумат дар таҳияи стратегияҳои ҳамгирошудаи ҳифзи иҷтимоӣ, расонидани кумаки техникӣ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои фаврӣ, аз ҷумла тақвияти дастрасӣ ба хидматрасониҳои иҷтимоӣ барои гурӯҳҳои осебпазир, сармоягузорӣ барои рушди тавоноиҳо дар пешниҳоди хидматрасониҳо дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ уҳдадориҳои қавиро нишон медиҳад.

Дар сатҳи стратегӣ, идораҳои СММ бо вазоратҳои гуногун барои таҳияи шаш санади қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои стратегӣ, аз ҷумла лоиҳаи "Стратегияи миллии муҳоҷират бо мақсади фароҳам овардани чаҳорчӯби қавитар барои ҳимояи муҳоҷирон", "Тартиби татбиқи лоиҳаи озмоишӣ оид ба интиқоли пули нақд дар мактабҳои интихобшуда" ва "Ҳуҷҷати роҳнамо оид ба таъминиғизои мактабӣ" ҳамкорӣ намуданд.

Ба хотири ташвиқоту таблиғоти СММ якҷо бо Агентии омор ва Вазорати рушди иқтисод ва савдо Кумитаи роҳбарикунандаи миллӣ оид ба масъалаҳои аҳолӣ ва рушд ташкил карда шуд. Кумитаи роҳбарикунанда ҳамчун платформаи муҳим барои пешбурди демография ва динамикаи аҳолӣ, робита бо рӯзномаи рушд хидмат намуда, ҷонибҳои манфиатдори миллӣ, идораҳо барои рушд ва доираҳои илмиро муттаҳид мекунад. Дар натиҷаи он, дар соли 2021 лоиҳаи Консепсияи сиёсати демографии Тоҷикистон таҳия карда шуд.

Дар соли 2021, дар маҷмӯъ 2 138556 нафар шахси осебпазир кумак (кумак дар шакли пули нақд, хидматрасониҳо) дарёфт намуданд, ки ин аз нишондиҳандаи мавриди ҳадаф 40% зиёд аст. Аз шумораи умумии шахсони осебпазир 1 450 487 кӯдак, 677 810 нафар аҳолии қобили меҳнат ва 10 259 нафар пиронсол буданд. Афзоиши шумораи баҳрагирандагон асосан ба пардохти иловагии вобаста ба COVID-19 аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ ва густариши нақшаи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ дар саросари кишвар робита дорад.

Беҳтар намудани сифати хидматрасониҳо дар сатҳи зерминтақавӣ барои идораҳои СММ афзалият мебошад ва дар тӯли солҳои охир дар Тоҷикистон тақозои афзоишёбанда ба шумораи кормандони боихтисоси иҷтимоӣ мушоҳида карда мешавад. СММ Ҳукуматро барои таҳияи лоиҳаи Барномаи давлатии рушди қуввai корӣ дар бахши ҳифзи иҷтмоӣ дастгирӣ намуд. Идораҳои СММ ҳамчунин бо Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешниҳоди омӯзиши систематикӣ ва ҳамаҷонибаи такмили ихтисос ҳангоми идомаи кор ва то давраи ОГОЗ кардан ба кор ба кормандони давлатии сатҳи баланд, инчунин таъминкунандагони сатҳи миёнаи хидматрасониҳо дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ ҳамкорӣ намуданд. Дар соли 2021, дар маҷмӯъ, 360 мансабдори давлатӣ дар саросари кишвар дар чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи тавоноӣ ҷиҳати беҳтар намудани сифати хидматрасониҳои ҳифзи иҷтимоӣ иштирок карданд.

СММ аз тағйир додани рӯйкардҳо ба расонидани кумаки иҷтимоӣ пуштибонӣ намуд, ки дар натиҷаи он нишондиҳандаи ба ҳар сари аҳолӣ, на ба ҳар хонавода барои дар назар гирифтани андозаи оилаҳои тоҷик ва модели "cash plus" татбиқ карда шуд. Маблағгузории низомҳои ҳифзи иҷтимоӣ яке аз мушкилоти калидӣ барои Ҳукумат боқӣ мемонад ва идораҳои СММ ҷиҳати эҷоди таҷрибаи техникӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои муассисаҳои давлатӣ барои омӯхтани механизмҳои алтернативии маблағгузорӣ кор мекунанд.



© СММ дар Тоҷикистон

# НАТИҶАИ 4
# ҒИЗОХӮРӢ ВА АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ



© БРСММ дар Тоҷикистон

**3**
сиёсати соҳавӣ ва барномаҳо мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ бознигарӣ/тахия карда шуданд.

**13,165**
кӯдак аз дараҷаҳои вазнин ва мўътадил камғизоии шадид табобат карда шуда, шифо ёфтанд.

Механизмҳои миллии бисёрсоҳавии ҳамоҳангкунанда ташкил карда шуданд.

Буҷет барои Натиҷаи 4 бо доллари ИМА




FAO, WFP, UNICEF, UNDP, ILO, WHO

Идораҳои СММ ба таври стратегӣ ба ғизохўрӣ, махсусан ғизохӯрии кӯдакон таваҷҷуҳ зоҳир менамояд, ки аҳамияти бахши мазкурро дар рӯзномаи сиёсӣ баланд бардошта, ба як қатор қарорҳои муҳими сиёсӣ таъсир расонид. Бо роҳбарии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дастгирии шариконӣ рушд Нақшаи амали бисёрсоҳавӣ оид ба ғизохӯрӣ барои солҳо 2021-2025 бо ҳадафи умумии беҳтар намудани ғизохӯрии модару кӯдак то соли 2025 таҳия ва аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 тасдиқ карда шуд. Идораҳои СММ Ҳукуматро барои таҳияи харитаи роҳи стратегӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи амнияти озуқаворӣ то соли 2030 ва таҳияи Роҳи рушди милии системаҳои озуқаворӣ дастгирӣ мекунанд.

Масъалаҳои вобаста ба ғизо ба чанд бахш дахл доранд, аз ин рӯ, ташкил намудани Шӯрои ҳамоҳангсозии бисёрсоҳавӣ муҳим аст. Дар мувофиқа бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар чаҳорчӯби "Ҷунбиш барои беҳтарсозии сифати ғизохӯрӣ", платформае бо узвияти 16 вазорату идора ташкил карда шуд. Рушди давомдори Шӯрои ҳамоҳангсозӣ, "Ҷунбиш барои беҳтарсозии сифати ғизохӯрӣ" ва дигар платформаҳои шарикии СММ оид ба ғизохӯрӣ ва амнияти озуқаворӣ барои муҳокима ва мубодилаи иттилоот бо ҳамдигар дар бораи натиҷаҳои миёнамуҳлат ва фаъолиятҳо ба афзалиятҳои кунунии Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд (UNDAF) ва Ҳукумат оид ба ғизо мувофиқат мекунанд.

Талошҳои муштарак дар байни идораҳои СММ (ФАО, ЮНИСЕФ, Барномаи озуқаврии ҷаҳонӣ, ТУТ) ба таҳияи як Чаҳорчӯби стратегии СММ оид ба ғизо оварда расонид, ки он барои нақшаи кории муштарак ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои вобаста ба ғизо замина фароҳам меорад. Ҳадафи чаҳорчӯб тақвияти ҳамкории идораҳои вобаста ба масъалаҳои ғизохӯрӣ мебошад ва он бартариҳои муқоисавии ҳамдигарро барои дастгирии Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати ҳифз ва мутобиқсозии хидматрасониҳои вуҷуддоштаи вобаста ба ғизо такмил хоҳад дод. Чаҳорчӯби мазкур барои захираҳои муттаҳидшуда замина гузошта, ба ташвиқоту таблиғоти устувории фаъолиятҳо дар бахши ғизохӯрӣ, аз ҷумла пешгирии камғизоии шадид, саҳм гузоштан дар татбиқи Нақшаи амали бисёрсоҳавӣ оид ба ғизохӯрӣ барои солҳои 2021-2025 ва ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ дар бахши ғизохӯрӣ ва фарогирии давраи Барномаи қолабии СММ оид ба ҳамкорӣ ҷиҳати рушди устувор барои солҳои 2023-2026 мусоидат мекунад.

СММ бо шарикони миллӣ дар баланд бардоштани сатҳи тавонноии маҳаллӣ барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба қадпастӣ, лоғарӣ ва норасоии микроэлементҳо дар байни кӯдакон ва занон, инчунин беҳтар кардани дастрасии умумӣ ба хидматрасониҳои тиббӣ, инчунин дастрасӣ ба об ва санитария ҳамкорӣ намуд. Пешниҳод намудани хидматрасониҳои босифат дар бахши ғизохӯрӣ, аз ҷумла, табобати дараҷаҳои вазнин ва муътадили камғизоии шадид, инчунин пешниҳоди машваратҳо оид ба ғизохӯрии модарон ва ғизодиҳӣ ба навзодон ва кӯдакони хурдсол аз ҷониби духтурон ва ҳамшираҳои тиббии боихтисос ба афзоиши дастрасӣ ба хидматрасониҳо ва беҳтар шудани рафтори парасторони кӯдакон мусоидат мекунад. Ин хидматрасониҳо дар бахши ғизохӯрӣ дар коҳиш додани паҳншавии қадпастӣ, лоғарӣ ва дигар шаклҳои камғизоӣ муҳим мебошанд.

СММ масъалаҳои вобаста ба синамаконӣ, истеъмоли намаки йоддор, ғизохӯрии кӯдак ва модар, қадпастӣ ва лоғарии кӯдаконро ҳамчунин тавассути кор дар маҳал барои тағйир додани методҳои тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониш, барномаҳои ғизои мактабӣ ба таври самарабахш ҳал мекунад.

Дар робита бо Барномаи қолабии ҳамгирошудаи иҷтимоиву иқтисодӣ, идораҳои СММ се маъракаи таблиғотиро дар бораи гигиена, ғизои солим ва амнияти озуқаворӣ ҷиҳати пешбурди таҷрибаҳои хуби гигиенаи дастон дар ҷомеаҳо, мактабҳо ва ҷои кор баргузор намуданд, ки ба пешгирии паҳншавии COVID-19, дигар бемориҳои дорои манбаъи ғизоӣ ва сироятӣ ва сироятӣ мусоидат мекунад.



© СММ дар Тоҷикистон

# НАТИҶАИ 5
# **ФАРОГИРӢ ВА ҚОДИРСОЗИИ** (ДОДАНИ ҲУҚУҚ ВА ИМКОНИЯТҲО БА) **ГУРӮҲҲОИ ОСЕБПАЗИР**



© Хазинаи нуфуси СММ (UNFPA)

**600**
омӯзгор дар бораи тарбияи мусбат бидуни зӯроварӣ ва табъиз омӯзиш дода шуданд.  Модули омӯзишӣ дар чаҳорчӯби ташаббуси "Нури рӯшноӣ" таҳия карда шудааст.

**170**
корманди соҳаи тандурустӣ ва милитсия дониши худро бар асоси Протоколи миллӣ оид ба пешниҳоди хидматрасониҳои асосии босифат ба қурбониёни таҷовуз, зӯроварии ҷинсӣ ва асосёфта ба гендер тақвият доданд

**583**
корманди давлатӣ сатҳи дониши худро дар бораи таҳияи сиёсат дар бахши зӯроварии гендерӣ ва табъиз нисбат ба гурӯҳҳои осебпазир афзоиш доданд.

Баланд бардоштани сатҳи тавоноии **94** созмони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иштироки онҳо дар барномаҳо оид ба мубориза бо зӯроварӣ ва табъиз.

**9**
муассисаи давлатӣ барои пешниҳод намудани хидматрасониҳои босифати тандурустӣ, адолати судӣ, иҷтимоӣ, нигоҳубин ва ҳимоя ҷиҳати мубориза бо тасаввуроти нодуруст ва стереотипҳои гендерӣ дастгирӣ карда шуданд.

Буҷет барои Натиҷаи 5 бо доллари ИМА




UN WOMEN, UNICEF, IOM, UNHCR, WHO, UNODC, UNDP, UNESCO, OHCHR, UNFPA, WFP, UNAIDS

СММ дар дастгирии Ҳукумати Тоҷикистон дар талошҳо барои бартараф намудани зӯроварии гендерӣ, мусоидат ба баробарии гендерӣ ва фарогирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ нақши муҳим бозидааст. Зӯроварӣ нисбат ба занон ва духтарон, аз ҷумла зӯроварӣ дар оила, дар саросари ҷаҳон паҳн шудааст ва дар давраи пандемияи COVID-19 бадтар шудааст.

Дар сатҳи сиёсат, идораҳои СММ пешниҳод намудани кумаки техникӣ ва тавсияҳоро ҷиҳати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, протоколҳо ва ҳуҷҷатҳои миллӣ бо мақсади таъмини мутобиқати бештари онҳо ба стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ идома доданд. Баргузор намудани корҳои ташвиқоту таблиғотӣ дар сатҳи баланд ба таври муштарак бо Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва дар ҳамкорӣ бо вазоратҳои дахлдор боиси таҳияи механизми пешниҳод ва баррасии шикоятҳо барои духтарон ва занон шуд.

Ҳукумати Тоҷикистон бо машварати наздик бо ҷонибҳои манфиатдор Барномаи нави миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи ВНМО/БПНМ барои солҳои 2021-2025-ро таҳия ва қабул кард. Барнома фаъолиятҳоеро барои пешбурди баробарии гендерӣ, имкониятҳо ва ҳуқуқҳои занони зиндагикунанда бо ВНМО ва гурӯҳҳои калидии аҳолӣ дар бар гирифт.

Дар Рӯзи байналмилалии барҳам додани зӯроварии гендерӣ, Ҳукумати Тоҷикистон, СММ ва Иттиҳодияи Аврупо ташаббуси "Нури рӯшноӣ"-ро оғоз карданд, ки барои хотима додани зӯроварии ҷинсӣ ва зӯроварии асосёфта ба гендер нисбат ба занон ва духтарон пешбинӣ шудааст. Тоҷикистон яке аз ду кишвар дар Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар он Ҳукумат, СММ ва Иттиҳодияи Аврупо барои афзоиши маблағгузорӣ ва таҷриба дар чаҳорчӯби ташаббуси "Нури рӯшноӣ" барои хотима додан ба зӯроварии ҷинсӣ ва зӯроварии асосёфта ба гендер ҳамкорӣ мекунанд.

Ташаббуси "Нури рӯшноӣ" ба таҷрибаи густурдаи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар бахши пешгирии зӯроварии ҷинсӣ ва зӯроварии асосёфта ба гендер нисбат ба занон машғул мебошанд, такя намуда, аз далелҳо ва таҷрибаҳои ин созмонҳои маҳаллӣ истифода мебарад, ки онҳо барои хотима додан ба зӯроварӣ нисбат ба занон ва духтарон талош мекунанд. Бо дастгирии СММ, бештар аз 40 созмони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар саросари кишвар барои татбиқ намудани Стратегияи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон – нахустин чунин ҳуҷҷат барои кишвар ҷамъ омаданд.

Гурӯҳи машваратии ҷомеаи шаҳрвандии (CSRG) ташаббуси "Нури рӯшноӣ", ки аз даҳ нафар иборат буда, гурӯҳҳо, минтақаҳои гуногун, дониши коршиносӣ ва таҷрибаи нишондодашуда дар мавриди масъалаҳои баробарии гендерӣ ва бартараф намудани зӯроварӣ нисбат ба занон ва духтаронро муаррифӣ менамоянд, ба ҳисоботдиҳӣ ва назорати ташаббус мусоидат намуданд. Онҳо ҳамчуни талошҳои барномаро ҷиҳати таъмини иштироки васеътар, доимӣ ва пурмазмуни ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути фаро гирифтани шахсони дар ақиб монда дастгирӣ намуданд.

Ба хотири ин шарикиҳои муштарак, ташаббус фарогирии занони дар ақиб мондаро тавассути ташкил намудани 5 клиникаи сайёри тиббӣ дар минтақаҳои дурдасти ноҳияҳои мавриди ҳадафи барномаи "Нури рӯшноӣ" бо мақсади дар бар гирифтани бештар аз 1800 зан ва духтарони синну соли репродуктивӣ таъмин намуд, ки онҳо дорои дастрасии маҳдуди ҷуғрофӣ ба хидматрасониҳои босифати вобаста ба зӯроварии гендерӣ/саломатии ҷинсӣ ва репродуктивӣ мебошанд. Ғайр аз ин, Мактаби фаъолони гендерӣ 20 нафар шаҳрванд-фаъолони маҳаллиро аз ноҳияҳои мавриди ҳадафи ташаббуси "Нури рӯшноӣ", ки созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандиро аз бахшҳои гуногун ва намояндагони гурӯҳҳои гуногуни баҳрабарандагон муаррифӣ мекунанд, омӯзиш дода, тавонмандии созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандии онҳоро тавассути фаъолиятҳои баъдӣ ва ба таври зинаӣ паҳн намудани дониш дар маҳалҳо, ҷалби занони дар ақиб монда дар байни дигар гурӯҳҳои калидии аҳолӣ афзоиш дод.



© Бахтиёр Мирзоев, Хазинаи нуфуси СММ (UNFPA)







© СММ дар Тоҷикистон

## Мусобиқаи духтарон оид ба футбол зери унвони “Тӯби норинҷӣ”

16 рӯзи мубориза бар зидди зӯроварии гендерӣ – маъракаи солонаи байналмилалӣ мебошад, ки дар санаи 25 ноябр дар Рӯзи байналмилалии барҳам додани зӯроварӣ нисбат ба занон оғоз шуда, то санаи 10 декабр, Рӯзи ҳуқуқи инсон идома меёбад. Ҳар сол бештар аз 50 созмон дар саросари Тоҷикистон дар маърака бо ташкил намудани тақрибан 100 чорабинии намудҳо ва миқёси гуногун иштирок менамоянд, ки на камтар аз чоряк миллион нафарро фаро мегиранд.

Имсол мусобиқаи ҷумҳуриявии футзал бо номи «Тӯби норинҷӣ» дар байни духтарони аз 13 то 17 сола баргузор гардид, ки вазифаи асосии он ташвиқи ҷалби шумораи бештари духтарон ба варзиш, махсусан футзал, фароҳам овардани имкониятҳои баробар ба онҳо ва шикастани тасаввуроти қолабии (стереотипҳои) гендерӣ буд. Дар маҷмӯъ, дар ин мусобиқа дар саросари кишвар 224 нафар духтарони аз 13 то 17-сола иштирок намуда, имконииият пайдо намуданд, ки дар сатҳҳои минтақавӣ ва миллӣ баромад кунанд. Ҳамаи иштироккунандагон маҷмӯи либосҳои варзишӣ ва лавозимоти варзишии баландсифатро барои ҳавасманд кардани онҳо ҷиҳати иштироки баъдӣ ба даст оварданд. Бозигарони дорои сатҳи баландтари нишондодҳо имконият хоҳанд дошт, ки дар ҳайати дастаи миллии Тоҷикистон дар мусобиқаи CAFA дар соли 2022 бозӣ намоянд. Дар бозии ниҳоӣ, дастаи Хатлон ба дастаи Ҷ. Расулов (4-1) ғолиб омада, ғолиби мусобиқаи “Тӯби норанҷӣ” гардид. Чорабинии мазкур бо намоиши театрии  сайёр дар иҷрои шахсони ихтиёрии Шабакаи таҳсилии ҳамсолони ҷавон хотима ёфт, ки идеяи зиндагии озод аз зӯроварии гендерӣ ва зӯроварӣ дар оиларо ташвиқ менамояд.





## Иштироки ҷавонон дар Тоҷикистон

«Y-PEER» – Шабакаи таҳсилии ҳамсолони ҷавон, ташаббуси навоварона ва ҳамаҷонибаи “ҷавонон ба ҷавонон” мебошад, ки дар соли 2007 расман дар Тоҷикистон оғоз гардида, дар соли 2012 ҳамчун ташкилоти ҷамъиятии миллӣ ба қайд гирифта шуд. Он ба яке аз қавитарин созмонҳои ҷавонон дар кишвар табдил ёфтаст. Шабакаи Y-PEER бештар аз 100 нафар ҷавон ва чанд созмони ҷомеаи шаҳрвандии шарик – созмони ғайридавлатии «Шамс» дар вилояти Суғд ва созмони ғайридавлатии «Томирис» дар вилояти Хатлонро муттаҳид намуда, ҷавононро ба таҳия ва татбиқи сиёсати ҷавонон дар сатҳи миллӣ ҷалб менамояд. Бо дастгирии Хазинаи нуфуси СММ (UNFPA), Y-PEER дар пешбурди омӯзиш оид ба солимии репродуктивӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни донишҷӯён тавассути ворид намудани ин мавзӯъҳо ба барномаҳои таълимии миллӣ нақши муҳимро бозидааст. Y-PEER ҳамчунин чанд озмоишгоҳи инноватсионӣ барои наврасонро дар минтақаҳои гуногуни кишвар бо дастгирии ЮНИСЕФ бо мақсади рушди малакаҳо ва эҷодкории наврасону ҷавонон дар ноҳия ва омода кардани онҳо барои гузариш аз мактаб ба ҳаёти корӣ идора мекунад. Шабакаи ноу-хау омӯзиши «ҳамсол ба ҳамсол» мебошад – ҷавонон ба ҳамсолони худ дар мавзӯъҳои гуногун шурӯъ аз пешбурди  тарзи ҳаёти солим то пешгирии ВНМО/БПНМ, саломатии ҷинсӣ ва репродуктивӣ, ҳуқуқ, аз баробарии гендерӣ то роҳбарӣ ва саломатии равонӣ таълим медиҳанд.

© Умар Турсунов

# НАТИҶАИ 6
# МУҚОВИМАТПАЗИРӢ ВА МАСЪУЛИЯТИ ЭКОЛОГӢ




© Green Climate Fund, Нозим Қаландаров

**263,228**

нафар аз мудохилаҳои сатҳи ҷомеа дар бораи паст кардани сатҳи хавфи офатҳои табиӣ ва идоракунии хавфи офатҳои табиӣ баҳраманд шуданд.

**32,000**

нафар аз мудохилаҳои сатҳи маҳаллӣ оид ба паст кардани сатҳи хавфи офатҳои табиӣ баҳраманд шуданд.

**27,000**

нафар аз роҳиҳалҳои инноватсионӣ барои идоракунии устувори захираҳои табиӣ баҳраманд шуданд.

**9**

чорабинӣ оид ба рушди тавонои институтсионалӣ, ки барои идоракунии хавфи офатҳои табиӣ ва омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда пешбинӣ шудаанд, дастгирӣ карда шуданд.

Буҷет барои Натиҷаи 6 бо доллари ИМА




UNDP, UNICEF, WFP, UNHCR, UNDRR, UNECE, UN OCHA, UNESCO, UNRCCA, UNFPA

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол офатҳои табиӣ, ба монанди тармафарой, заминҷунбиҳо, обхезиҳо, селҳо ва ярчҳо рух медиҳанд. Идораҳои СММ бо вазорату кумитаҳои дахлдор барои тақвияти заминаи қонунгузорӣ ва сиёсатҳои соҳавӣ дар бахшҳои идоракунии хавфи офатҳои табиӣ, идоракунии устувори захираҳои табиӣ, тағйирёбии иқлим ва ҳифзи муҳити зист ҳамкории наздик доранд.

СММ дар таҳияи бобҳои дахлдори Арзёбии таъсир ба муҳити зист ва Арзёбии стратегии экологӣ мутобиқи Конвенсияи Эспо кумак намуда, дастгирии кишварро дар идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об (IWRM) дар чаҳорчӯби Ташаббуси Иттиҳодияи Аврупо оид ба об идома дод.

Дар соли 2021, ҳадди аққал 9 чорабинӣ оид ба рушди тавонмандии институтсионалӣ, ки ба идоракунии хавфҳои офатҳо ва омодагӣ ба ҳолати фавқулодда, тағйирёбии иқлим, ҳифзи гуногунии биологӣ, идоракунии моддаҳои химиявӣ ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия, идоракунии устувори захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист нигаронида шудаанд, дастгирӣ карда шуданд. Дар натиҷаи омӯзиш дар маҳал тадбирҳои мушаххаси кӯтоҳмуддат, миёнамуддат ва дарозмуддат оид ба бартараф намудани камбудиҳои бехатарӣ дар  тақвияти воситаҳои идоракунӣ таҳия карда шуданд.

Дар соли 2021, идораҳои узви Гурӯҳи арзёбӣ ва ҳамоҳангсозии сареъ дар ҳолатҳои фавқулодда (РЕАКТ) ва Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (КҲФ) ба селҳо ва обхезиҳо дар вилояти Хатлон ва заминҷунбӣ дар водии Рашт вокуниш нишон доданд. Идораҳои СММ якҷо бо дигар шарикони РЕАКТ таҳвили фаврии маҳсулоти озуқаворecho зарурӣ ва кумаки ғайриғизоиро таъмин намуд, ки ниёзҳои бештар аз 2000 хонаводаи зарардидаро фаро гирифт. Ғайр аз ин, ба 1750 нафар шахсони осебдида (250 хонавода), ки аз муноқишаи марзии Тоҷикистону Қирғизистон осеб дидаанд, кумаки пулии бешарти бисёрмақсадӣ расонида шуд.

Дар соли 2021, дар маҷмӯъ 263228 нафар аз чорабиниҳои сатҳи ҷомеа оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ, идоракунии хавфи офатҳои табиӣ, инчунин мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, идоракунии устувори захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист баҳраманд шуданд.

Дар музокироти вобаста ба масъалаҳои иқлим ва дипломатия дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамкории минтақавӣ ба роҳ монда шудааст. Аввалин Стратегияи минтақавӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар Осиёи Марказӣ аз ҷониби Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон қабул карда шуд. Барномаи ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Миёна аввалин павилони Осиёи Марказиро дар таърихи Конфронси 26 СММ оид ба тағйироти иқлим тавассути дастгирии лоиҳаи минтақавии тағйирёбии иқлим ифтитоҳ намуд. Қазоқистон ва Тоҷикистон дар чаҳорчӯби Барномаи шарикии "Пули сабз" барои пешбурди сиёсати иқлимӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамкорӣ карданд. Ёддошти тафоҳум дар байни Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон оид ба ҳифзи минтақавии экосистемаҳои паланги барфӣ ва манзараҳо дар Тиён-Шони Ғарбӣ ва Помир-Олой барои ҳамкорӣ дар таҳқиқ ва мониторинги фаромарзии паланги барфӣ ва мубориза бо тиҷорати ғайриқонунии ҳайвоноти ваҳшӣ ба имзо расид.

Дар бахши савдо ва соддагардонии тартиботи савдо, СММ Тоҷикистонро дар татбиқи Созишномаи Созмони ҷаҳонии савдо оид ба соддагардонии тартиботи савдо (TFA) ва стратегияи миллии соддагардонии тартиботи савдо дастгирӣ намуда, барои рақамисозии додаҳои бисёрмодалии нақлиёт ва мубодилаи ҳуҷҷатҳо кумак расонида, таҳқиқоти миллӣ оид ба ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи феълӣ ва эҳтимолӣ дар ҳамгиросозии Принсипҳои савдои устувори Барномаи махсуси СММ барои иқтисодҳои Осиёи Марказӣ (SPECA) аз нуқтаи назари сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ баргузор намуд.




СММ дар Тоҷикистон


© Азиз Нуруллаев, ЮНИСЕФ Тоҷикистон

# ДАСТГИРИИ ШАРИКӢ ВА МАБЛАҒГУЗОРӢ

Ҳукумати Тоҷикистон бо дастгирии системаи СММ дар тақвияти чаҳорчӯби сиёсӣ ва меъмории институтсионалии маблағгузории афзалиятҳои миллӣ ва ҲРУ ба пешрафти назаррас ноил гардид. Рӯйкарди (подход) СММ хусусияти байнисоҳавӣ дорад ва аз имкониятҳои шарикӣ истифода намуда, барои ташвиқоту таблиғот ва дастгирии техникӣ ҷиҳати кумак ба Тоҷикистон барои ноил шудан ба ҲРУ шароит фароҳам меорад. Пас аз хуруҷи пандемияи COVID-19, роҳ ба сӯи ҲРУ барои Тоҷикистон боз ҳам душвортар шуд. Ҳанӯз пеш аз пандемия маълум буд, ки Тоҷикистон барои ноил шудан ба ҳадафҳои баландпарвозонаи рушди худ то соли 2030 бояд маблағгузории бештарро ҷалб намояд. Пандемияи COVID-19 ба пешрафтҳо барои ноил шудан ба ҲРУ дар Тоҷикистон таъсири калон расонид ва Ҳукуматро водор намуд, ки методҳои алтернативии маблағгузории барномаҳои иҷтимоӣ ва омӯхтани шарикии ғайрианъанавӣ барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар пайдо кунад.



## Барномаи муштараки маблағгузории ҲРУ

Ташаббуси муштараки СММ «Маблағгузории ҲРУ дар Тоҷикистон» барои беҳтар кардани ҳисоботдиҳӣ ва шаффофияти таҷрибаи таҳияи буҷети Ҳукумат пешбинӣ шудааст. Ташаббус бо эҷод намудани платформаи ҳамкорӣ барои гузаронидани ислоҳот дар бахши идоракунии воситаҳои молиявии давлатӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии рушди бахши хусусӣ вазоратҳо ва идораҳои гуногуни Ҳукуматро дар чаҳорчӯби Шӯрои миллии рушд муттаҳид намуд. СММ ба аъзоёни гурӯҳ барои таҳлил намудани фазои вуҷуддоштаи молиявӣ, меъмории молиявӣ ва таҳияи Харитаи роҳ барои маблағгузории ҲРУ, ки роҳнамоӣ ва вариантҳои пешбурди афзалиятҳои рушд ва кушодани манбаъҳои иловагии маблағгузории истифодаи рӯйкардҳои инноватсионӣ, ба монанди таҳияи буҷет бо дараназардошти ҷанбаҳои гендериро бо мақсади эҷод намудани низомҳои бештар шаффоф ва фарогир пешниҳод менамояд, дастгирии техникӣ пешниҳод намуд.

## Механизми COVAX/Ташаббус барои суръат бахшидани дастрасӣ ба воситаҳои мубориза бо COVID-19

Тоҷикистон аввалин кишваре дар Осиёи Марказӣ шуд, ки тавассути механизми COVAX ваксинаҳои зидди COVID-19-ро ба даст овард – шарикии глобалӣ, ки ба таври муштарак аз ҷониби идораҳои СММ барои таъмини дастрасии баробар ба воситаҳои мубориза бо пандемия роҳбарӣ карда мешавад. Ин натиҷаи шарикии дарозмуддати байни Вазорати тандурустӣ ва идораҳои СММ мебошад, ки дар таҳияи нақшаҳои миллии эмгузаронӣ, тақвияти инфрасохтори "занҷираи сарднигоҳдорӣ" ва баланд бардоштани сатҳи тавоноии ҳазорон мутахассиси тиббӣ барои гузаронидани маъракаи миллии эмгузаронӣ кумак намуданд. Ба хотири иштироки мазкур, идораҳои СММ ба Ҳукумат имконият фароҳам оварданд, ки бо муассисаҳои молиявии бисёрҷониба ва байналмилалӣ, ба монанди Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ ва Бонки осиёии рушд шарикии қавиро эҷод намуда, маблағгузории иловагии фавриро барои харидории ваксинаҳо, асбобҳои ташхис ва тест, таҷҳизоти "занҷираи сарднигоҳдорӣ" ҷалб намояд.

## Арзёбии минтақавии хавфҳо ва муқовиматпазирӣ

СММ ҳамчунин бо шарикони рушд дар масъалаҳои ноустуворӣ ва сулҳофаринӣ ҳамкории наздик дошт. Арзёбии минтақавии хавфҳо ва муқовиматпазирӣ коршиносони техникиро дар минтақа барои муайян кардани омилҳои асосии осебпазирӣ дар минтақаҳои марзии водии Фарғона, аз ҷумла дар минтақаҳои марзии Қирғизистон ва Тоҷикистон гирди ҳам овард. Бозёфтҳои арзёбӣ робитаҳои мутақобили байни рушди иқтисодӣ ва ваҳдати иҷтимоиро собит намуданд, ки ба кишварҳои минтақа таъсир мерасонанд. Арзёбии минтақавии хавфҳо ва муқовиматпазирӣ ҳамчунин имкониятеро барои ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ ҷиҳати сармоягузорӣ дар пешгирии низоъ ва эҷоди муқовиматпазирӣ дар байни ҷомеаҳои фаромарзӣ, дастгирии пешгирии низоъ – соҳае, ки маъмулан аз ҷониби ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ сармоягузорӣ карда намешаванд, ошкор намуд.

Таҳлили умумии кишварии СММ бозёфтҳои Арзёбии минтақавии хавфҳо ва муқовиматпазириро дар бар гирифта, дастгириро тавассути беҳтар намудани воситаҳои рӯзгузаронӣ, соҳибкорӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна, беҳтар кардани дастрасии ҷавонон ва занон ба маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ дар таҳлил ва барномаҳои ояндаи ҷиҳати дастгирӣ ва тавонмандсозии ҷавонон дар равандҳои сулҳ ва рушди маҳаллӣ афзалиятбандӣ намуд.

## Омодагӣ ва вокуниш ба гурезаҳо дар сатҳи минтақавӣ

Бо тағйирёбии ногаҳонӣ дар контексти амниятӣ дар Афғонистон дар соли 2021 ва бо эҳтимоли зиёди воридшавии гурезаҳо ба кишварҳои ҳамсоя, СММ Модели ҳамоҳангсозии гурезаҳоро барои дастгирии Ҳукумат ҷиҳати омодагӣ ба воридшавии эҳтимолии гурезаҳо ва пешакӣ омода кардани захираҳо барои бартараф намудани ҳолатҳои фавқулоддаи эҳтимолӣ фаъол кард. СММ ба Ҳукумат барои ташкил намудани гурӯҳи кории байниидоравӣ дар сатҳи миллӣ, таҳияи сенарияҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати воридшавии гурезаҳо дастгирии техникӣ пешниҳод намуда, сафарбарсозии захираҳо ва робитаи мутақобили ҷонибҳои манфиатдорро бо донорҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ роҳбарӣ намуд. Ин шарикӣ робитаи байни Ҳукумат ва ниҳодҳои байналмилалии молиявиро барои такмил додани инфрасохтори ҷомеа ва хидматрасониҳо дар чаҳорчӯби барномаҳои вуҷуддошта ҷиҳати беҳтар қонеъ сохтани ниёзҳои гурезаҳо ва ҷомеаҳои маҳаллӣ ба вуҷуд овард.

## Ташаббуси "Нури рӯшноӣ"

Зӯроварии гендерӣ яке аз масъалаҳои мубрами Тоҷикистон боқӣ мемонад. Дар соли 2021, СММ ва Иттиҳодия Аврупо якҷо бо Ҳукумат ташаббуси "Нури рӯшноӣ" – барномаи пешбарро оғоз карданд, ки барои барҳам додани зӯроварии гендерӣ ва истифода аз бартариҳои муқоисавии идораҳои гуногуни СММ ҷиҳати ҳалли ин масъала аз паҳлӯҳои гуногун пешбинӣ шудааст. Барномаи мазкур барои муттаҳид намудани Ҳукумат ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, эҷоди шарикии органикӣ дар байни онҳо бо стратегияи муштарак ва шӯрои машваратӣ нақши муҳимро бозӣ намуд.


© Бахтиёр Мирзоев, Хазинаи нуфуси СММ (UNFPA)




© Идораи СММ оид ба паст кардани сатҳи офатҳо (UNDRR)

## Тағйирёбии иқлим

Идораҳои СММ дар пешниҳод намудани дастгирии техникӣ ба Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати ташкили муколама оид ба сиёсати иқлимӣ ва бознигарии саҳмҳои дар сатҳи миллӣ муайяншуда нақши ҳаётан муҳимро бозӣ мекунанд. Ин талошҳо ба Тоҷикистон имконият фароҳам оварданд, ки ба таври расмӣ маҷмӯи саҳмҳои ҳамаҷонибаи дар сатҳи миллӣ муайяншударо пешниҳод намояд, ки ҳоло бахшҳои иловагии иқтисодро дар баробари тағйирот дар ҳолати ибтидоӣ дар бар мегиранд. Бо дастгирии мустақими СММ як қатор таҳқиқотҳои техникӣ барои арзёбӣ намудани партобҳои карбон дар Тоҷикистон ва тадбирҳои гуногун ҷиҳати кам кардани ин партобҳо то соли 2030 гузаронида шуданд. Таҳти роҳбарии Кумитаи ҳифзи муҳити зист, гурӯҳи кории техникии байниидоравӣ барои қабули пешниҳодҳо ва ҳамоҳангсозии корҳо ташкил карда шуд.

Лоиҳаи бознигаришудаи саҳмҳои дар сатҳи миллӣ муайяншудаи Тоҷикистон барои дарёфти фикру мулоҳизаҳо ба таври васеъ паҳн карда шуд. Чанд вохӯрӣ ҷиҳати мувофиқа кардани ҳадафҳои ибтидоӣ ва бознигаришуда бо истифода аз иттилооти нави вуҷуддошта ва пешрафтҳои иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин тадбирҳои банақшагирифташуда оид ба коҳиш додани оқибатҳо ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ташкил карда шуданд. Ба ғайр аз дастгирии техникӣ дар мавриди саҳмҳои дар сатҳи миллӣ муайяншуда, СММ ҳамчунин як қатор тренингҳоро оид ба дипломатияи иқлимӣ ба ҳайати миллӣ пешниҳод намуд, ки дар ҷаласаи Конфронси 26 СММ оид ба тағйироти иқлим дар Глазго аз 31 октябр то 13 ноябри соли 2021 иштирок намуданд.

## Системаҳои озуқаворӣ

Системаҳои озуқаворӣ тамоми доираи фаъолиятҳо, молу маҳсулот ва хидматрасониҳоро дар бар мегирад, ки бо истеҳсол, савдо, коркард, фурӯш, истеъмол ва нобудсозии маҳсулоти кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ё моҳипарварӣ, аз ҷумла воситаҳои ибтидоӣ (захираҳои зарурӣ) ва натиҷаҳои миёнамуҳлате робита доранд, ки дар ҳар кадоме аз он марҳилаҳо тавлид мешаванд. Тоҷикистон яке аз кишварҳое буд, ки ба даъвати Дабири кулли СММ барои баргузор намудани муколамаҳои миллӣ оид ба системаҳои устувори озуқаворӣ, ки дар чаҳорчӯби раванди пеш аз Саммити глобалӣ оид ба системаҳои озуқаворӣ (GFSS) ташкил шуда буд, вокуниш нишон дод.

Ҳамин тавр, муколамаҳо оид ба системаи озуқаворӣ ба Тоҷикистон имконияти хуберо фароҳам оварданд, ки сиёсатҳо, барномаҳо ва сармоягузориҳои феълии худро оид ба амнияти озуқаворӣ аз дурнамои рӯйкарди системаи устувори озуқаворӣ аз нав арзёбӣ намояд. Идораҳои СММ барои баргузор намудани таҳқиқот, машваратҳо дар сатҳи коршиносон, баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа тавассути гузаронидани маъракаҳо, таҳияи маводҳои коммуникатсионӣ ва форумҳои мубоҳисавӣ кумаки техникӣ ва молиявӣ пешниҳод карданд. Натиҷаи ниҳоии асосии муколамаҳои миллӣ таҳияи Роҳи рушди милии системаҳои озуқаворӣ буд. Он маҷмӯи шаш амали стратегӣ мебошад, ки ҷонибҳои манфиатдор барои таҳкими системаҳои озуқаворӣ дар Тоҷикистон муҳим арзёбӣ кардаанд. Лоиҳаи Нақшаи миллии системаҳои озуқаворӣ дар чорабинии сатҳи баланд барои дарёфти дастгирии ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор пешниҳод карда шуд.



## Шарикии Раёсати Комиссари олии СММ оид ба гурезаҳо ва Созмони СММ оид ба рушди саноат (ЮНИДО) барои мусоидат ба фарогирии иқтисодии гурезаҳо

Шарикии беназири байни ЮНИДО ва Раёсати Комиссари олии СММ оид ба гурезаҳо дар Тоҷикистон дар соли 2017 оғоз шуд. Ин шарикӣ асосан ба фарогирии гурезаҳо, махсусан занон ба бахши ҳунармандӣ нигаронида шудааст. ЮНИДО ва Раёсати Комиссари олии СММ оид ба гурезаҳо якҷо ҳунармандон-гурезаҳоро муайян карданд, аз малакаҳо ва анъанаҳои онҳо барои пайвастани баъдӣ ба ташаббусҳои ЮНИДО оид ба рушди саноат истифода намуданд. Бахши ҳунармандӣ шароитҳои чандирро пешниҳод мекунад – ҳунармандон метавонанд дар хона ва дар ҷои кор ба таври вақти нопурра якҷо кор кунанд ё он корро бидуни дур шудан аз ҳаёти оилавӣ дар хона иҷро намоянд, ки ин дар вақти COVID-19 бисёр муҳим аст. Ин барои занони гуреза махсусан муҳим мебошад. ЮНИДО ва Раёсати Комиссари олии СММ оид ба гурезаҳо ба таври муштарак дар густариши ширкати маҳаллии дӯзандагии нассоҷӣ барои ташкил намудани маркази омӯзишӣ ва истеҳсолии қолинбофӣ дар Ваҳдат, шаҳре, ки мизбони шумораи бештари гурезаҳо дар Тоҷикистон аст, саҳм гузоштанд. Ин ташаббус ҷалби Кумитаи маҳаллии кор бо занон барои дастгирии соҳибкории занон ва таъмини иштироки васеъи гурӯҳи осебпазир ва ҷомеаи мизбонро дар фаъолиятҳои таълимӣ дар бар мегирад. Ин семинар ба макони амн барои ҳам ҷавонони маҳаллӣ ва ҳам ҷавонони гуреза, асосан занон ва духтарон табдил ёфта, имкониятҳои омӯзишӣ барои баланд бардоштани сатҳи малакаҳои техникӣ оид ба истеҳсолот ва сиклҳои дастрасӣ ба бозор дар баробари дигар хидматрасониҳо оид ба тавонмандсозиро пешниҳод мекунад. Дар натиҷа, баҳрагирандагон сатҳи маҳсулнокиро баланд бардошта, дар рушди қолинбофӣ, гулдӯзии дастӣ ва содироти маҳсулоти нассоҷии Тоҷикистон саҳм гузоштанд. Ин чорабиниҳо ҳамчунин бахшҳои қолинбофӣ ва нассоҷии Тоҷикистонро эҳё мекунанд, ки шуғли устуворро бо ҷойҳои нави корӣ ҳам барои гурезаҳо ва ҳам ҷавонони маҳаллӣ фароҳам оварда, ба занон ва духтарон афзалият медиҳанд. Ғайр аз ин, лоиҳаи ЮНИДО дар баланд бардоштани сатҳи тавоноӣ оид ба барномаҳои нармафзори рақамӣ, ки ба касби малакаҳо ва донишҳои иловагӣ иҷозат медиҳад, имкониятҳо фароҳам меорад. Курсҳои пурра оид ба тарҳрезӣ (дизайн) ва нармафзор барои гурӯҳи интихобшудаи ҷавонон-гурезаҳо пешниҳод карда шуданд, ки онҳо тамоми модули ибтидоӣ ва пешрафтаро хатм кардаанд ва шаҳодатномаи хатмро ба даст овардаанд. Дар натиҷа, имрӯз баъзе аз хатмкунандагон дар бахши дизайни графикӣ ва нармафзори компютерӣ корҳои дорои вақти нопурраро пайдо кардаанд.



© ЮНИДО дар Тоҷикистон

# НАТИҶАҲОИ ИСЛОҲОТИ СММ

## Ислоҳоти СММ ва маблағгузорӣ барои рушд

Бо роҳнамоии рӯзномаи умумии СММ ва ислоҳоти ҳамоҳангии амалҳои СММ, Дафтари Ҳамоҳангсози доимии СММ дар фароҳам овардани имконият ба идораҳои СММ дар дохили кишвар ва ҳамчунин идораҳои қарордошта хориҷ аз кишвар (ғайрирезидент) ҷиҳати расонидани кумаки техникии ба тақозо асосёфта ба кишвари мизбон барои ноил шудан ба ҲРУ нақши муҳим мебозад. Бо истифода аз маблағгузорӣ барои рушд ҳамчун мавзӯъи созмонӣ, Дафтари Ҳамоҳангсози доимии СММ ба идораҳои СММ дар муайян кардани хусусияти умумӣ дар чорабиниҳои феълии онҳо, бо истифода аз кори чанд идораи СММ, ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ ва дигар шарикони рушд кумак расонид, ки онҳо бознигарии меъмории молиявиро анҷом дода, ба Ҳукумат дар таҳлили буҷет барои арзёбии тақсимоти он дар бахшҳои гуногун ва гурӯҳҳои аҳолӣ кумак мекунанд.

Дар натиҷа, СММ ба тағйироти назаррас дар фаҳмиши Ҳукумат дар бораи робитаи байни таҳияи сиёсат, иҷрои амалҳои сиёсӣ ва маблағгузорӣ барои рушд тағйироти назаррас ноил шуд. Барои тақвияти робитаи байни амалҳои сиёсӣ, барномасозӣ, раванди таҳияи буҷет, инчунин омӯхтани вариантҳои маблағгузорӣ, ки берун аз хароҷоти давлатӣ мебароянд, Ҳукумат гурӯҳи сатҳи баландро оид ба маблағгузории Стратегияи миллии рушд ва Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) ташкил намуд. Ба ҳайати гурӯҳи корӣ на танҳо вазорату идораҳои давлатӣ, балки ҳамчунин намояндагони бахши хусусӣ, аъзоёни парламент, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони байналмилалии рушд дохил мебошанд. Гурӯҳи корӣ дар ҳамоҳангсозии талошҳо, мусоидат ба ҳамоҳангии сиёсат ва васеъ намудани вариантҳои маблағгузорӣ нақши ҳаётан муҳимро бозӣ хоҳад кард. Он ҳамчунин робитаи мутақобили байни Ҳукумат, бахши хусусӣ ва созмонҳои байналмилалиро тақвият хоҳад дод. Таҷрибаи таҳлилии дохилии СММ ва роҳбарии зеҳнӣ омили мусоидаткунанда буданд.

## Лоиҳаи Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор (UNSDCF)

Дар нимаи дуюми соли 2021, СММ муҳокимаҳо, таҳлил ва афзалиятбандиро оид ба таҳияи чаҳорчӯби нави ҳамкории он оғоз кард, ки амалисозии он аз 1 январи соли 2023 шурӯъ хоҳад шуд. Сарфи назар аз маҳдудиятҳои вобаста ба COVID-19, СММ дар Тоҷикистон барои ташаккули фаҳмиши дастаи худ дар бораи нақши калидии Чаҳорчӯби нави ҳамкорӣ дар кори бештар муштарак ҷиҳати расидан ба натиҷаҳои қавитар сармоягузорӣ намуд. Гурӯҳи идоракунии барномаҳо иборат аз маъмурони калон барномавии СММ барои таъмини роҳбарии дорои идеяҳои нав дар соҳаҳое ташкил карда шуд, ки дар онҳо СММ дорои бартарии муқоисавӣ ва арзиши иловашуда мебошад. Раванди мазкур хусусияти такрорӣ дошт ва давраҳои бисёри муҳокимаҳоро барои дақиқ ва муайян кардани афзалиятҳои стратегӣ ва рӯйкардҳои умумӣ, инчунин аз нав арзёбӣ намудани фарзияҳо ва ворид кардани ислоҳот пешбинӣ намуд.

## UNINFO ва дастрас будани додаҳо

Соли 2021 соле буд, ки СММ дар Тоҷикистон рӯйкарди  нави худро оид ба додаҳо мавриди истифода қарор дод. Ҳамаи идораҳо ба истифода аз UNINFO барои боргузорӣ намудани додаҳо дар бораи фаъолиятҳои барномавӣ, сармоягузориҳои молиявӣ, шарикиҳо ва натиҷаҳо шурӯъ карданд. Панели иттилоотии дастрасии умумии UNINFO, аввал бо нишондиҳандаҳои глобалии COVID-19 оид ба иҷрои барномаҳо ва сипас додаҳо дар бораи самтҳои ҲРУ дар вебсайти боз пайдо шуданд. Ин панели иттилоотии дастраси умумӣ инқилоберо дар тарзи истифода ва мубодилаи додаҳо аз ҷониби СММ муаррифӣ мекунад – акнун иттилооти шаффоф дар бораи фаъолияти ҳамаи идораҳои СММ дар Тоҷикистон дар режими вақти воқеӣ дастрас аст.

## Стратегияҳои амалиётҳои оператсионӣ

Соли 2021 СММ дар ҶТ соли аввали татбиқи Стратегияи нави амалиёти оператсионии худро бо таваҷҷӯҳ ба ҳамоҳангсозии амалияи ташкилот дар саросари ҷаҳон оғоз кард. Танхо дар давоми як сол 265.326 доллари ИМА хароҷот дар натиҷаи ҳамоҳангсозии амалиёт оиди фаъолияти оҷонсиҳои СММ сарфа карда шуд. Илова бар ин дар с. 2021 СММ дар ҶТ дар ин самт пешрафти назаррас ба даст овард ва бо даҳ оҷонсии СММ барпо намудани ҷойи кории умумӣ дар бинои СММ дар Душанбе  ба роҳ монда шуд.



© СММ дар Тоҷикистон




© Парвиз Бобоев, ДҲ СММ

# АРЗЁБӢ ВА САБАҚҲОИ ОМӮХТАШУДА

Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд ҳамчун воситаи самарабахши шарикии байни Ҳукумати Тоҷикистон ва ҷонибҳои асосии манфиатдор барои ноил шудан ба пешрафт дар самти ҲРУ, кафолат додани он хидмат намуд, ки ҳуқуқ ва ниёзҳои одамони камбизоат ва одамони қарордошта дар вазъиятҳои осебпазир дар назар гирифта шуда, қонеъ сохта шаванд. Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд дар чаҳорчӯби ҳамаи натиҷаҳои ниҳоӣ ниёзҳои гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро қонеъ карда, принсипи «ҳеҷ касро дар ақиб нагузоштан»-ро ба таври самарабахш пеш мебарад. Дар соли 2021, СММ барои баргузор намудани арзёбии мустақили берунии Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд ҷиҳати касби таҷриба ва дониш барои таҳияи Барномаи қолабии СММ оид ба ҳамкорӣ барои рушди устувор шартнома ба имзо расонид. Сабақҳои асосии омӯхташуда аз арзёбӣ мавридҳои зеринро дар бар мегиранд:

## Дастрас будани додаҳо боиси мушкилот дар таҳлили муносиб ва таҳияи табдирҳои барномавии вокуниш мешавад

Барои таҳлили бодиққати осебпазириҳо ва ниёзҳо додаҳои маҳдуди расмӣ вуҷуд доранд. СММ бояд сармоягузориро ба баланд бардоштани сатҳи тавоноии Ҳукумат ҷиҳати ҷамъоварӣ ва таҳлили додаҳо идома диҳад. СММ ҳамчунин бояд роҳиҳалҳои инноватсионии додаҳо, амалҳои қавитари муштаракро барои дастгирии ҷамъоварӣ ва мониторинги додаҳо оид ба нишондиҳандаҳои ҲРУ омӯзад. СММ бояд аз донишҳои глобалӣ оид ба ташкил намудани чаҳорчӯби доимӣ барои ҷамъоварии додаҳо дар кишвар, аз ҷумла харитасозии манбаъҳои осебпазирӣ ва таҳлили масъалаҳои бисёрҷанбаи камбизоатӣ, ки мумкин аст ба осонӣ ба мушкилоти зуҳуркунанда мутобиқ карда шаванд, барои фаҳмидани ниёзҳои гурӯҳҳои нави осебпазир, ба таври мисол, гурезаҳо ва ҷомеаҳои мизбон ё одамоне, ки аз низоъҳо ё офатҳои калон зарар дидаанд, беҳтар истифода барад. Атласи осебпазирӣ ва муқовиматпазирӣ, ки аз ҷониби СММ таҳия карда шудааст, ҳамчун воситаи (абзори) муҳим боқӣ мемонад.

## Ислоҳот барои мусоидат ба ташкили сохтории ҷойҳои корӣ

Илова ба амалҳои устувори худ ҷиҳати дастгирӣ намудани малакаҳо барои пайдо намудани ҷои кор ва воситаҳои рӯзгузаронӣ, махсусан бо равона намудани диққат ба занон ва ҷавонон, СММ бояд таваҷҷуҳи худро ба машваратҳои ҳамгирошудаи сиёсӣ ба Ҳукумат оид ба ислоҳоти зарурӣ дар фазои сармоягузорӣ афзоиш диҳад, то ки талошҳо барои эҷоди ҷойҳои кории шоиста самараи хуб оранд.

## Вокуниш ба пандемияи COVID-19

Барномаи қолабии ҳамгирошудаи иҷтимоиву иқтисодӣ (ISEF) як рӯйкарди бисёр муҳими стратегӣ барои муттаҳид сохтани вокуниши ҳамоҳангшудаи СММ ба пандемияи COVID-19 буд ва дастовардҳои он бояд барои таҳкими тавонмандсозии иқтисодии одамони дар ақиб монда ҳамчунин тавассути чорабиниҳои дарозмуддат истифода ва васеъ карда шаванд.

## Муколамаҳо оид ба масъалаҳои сиёсат, эдвокасӣ (тарғибу ташвиқ) ва ҳамоҳангсозии фаъолияти донорҳо

Чанд намунаи хуби ҳамоҳангсозӣ барои муколамаҳо оид ба масъалаҳои сиёсат ва эдвокасӣ ҳам дар бахшҳои мушаххас, ба монанди тандурустӣ ва маориф, ҳам тавассути платформаҳое қайд карда шуданд, ки СММ, Ҳукумат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шариконии байналмилалиро муттаҳид кардаанд. СММ бояд дар ин намуди талошҳо нақши калидӣ бозӣ кунад ва иштироки гурӯҳҳои дар ақиб мондаро дар ин муҳокимаҳо таъмин намояд.

## Шарикӣ

Дар ҷараёни арзёбӣ шарикии қавие зикр карда шуда, ки СММ дар тӯли амалисозии Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд ҷиҳати беҳтар кардани ҳамкорӣ барои ноил шудан ба ҲРУ истифода кардааст. Дар арзёбӣ аҳамияти робитаи мутақобил бо Ҳукумат тавассути Кумитаи миллии муштараки роҳбарикунандаи тақвиятёфта, бештар динамикӣ ва боэътимод, инчунин ҳамкории фаъолтар бо шарикони калидӣ аз бахши хусусӣ ва воситаҳои ахбори омма таъкид карда шуд.



© БРСММ дар Тоҷикистон

# ТАВСИФИ МОЛИЯВӢ ВА САФАРБАРСОЗИИ ЗАХИРАҲО

## Созишнома дар бораи маблағгузорӣ

Мутобиқи Созишнома дар бораи маблағгузорӣ, СММ ҳадаф дорад, ки маблағгузории тавассути барномаҳои муштарак ва Хазинаҳои трастии бисёршарикӣ дар соли 2022 интиқолшавандаро афзоиш диҳад ва ҳамчунин Хазинаи ягонаи кишварии СММ-ро ташкил намояд, ки ба Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор (UNSDCF) робита дорад ва ҷиҳати сафарбар кардани захираҳо барои барномаҳои бисёрсоҳавии ҳамгирошудаи муштараки СММ пешбинӣ шудааст. Дар тӯли соли 2021, СММ намоиш додани иқтидори баланди ҳамкории наздикро ба таври ҳамгирошуда ҷиҳати вокуниш нишон додан ба буҳрон тавассути Нақшаҳои кории муштараки Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд,  инчунин барномаҳо ва ташаббусҳои калидии муштарак, ба монанди таҳияи Барномаи қолабии СММ оид ба озуқаворӣ идома дод. Дар тӯли соли 2021, СММ захираҳоро сафарбар намуда, 3 барномаи нави муштаракро оид ба ташаббуси асосӣ ҷиҳати барҳам додани зӯроварӣ нисбат ба занон ва духтарон, дастгирии оилаҳои дар ақиб мондаи муҳоҷирон, таҳкими тавоноии бахши тандурустӣ барои мубориза бо муқовиматпазирии зиддимикробӣ дар Тоҷикистон ба маблағи умумии бештар аз 8 миллион доллари ИМА оғоз намуд.

## Платформаҳо барои сафарбарсозӣ ва ҳамоҳангсозии захираҳо

Барои СММ таҳкими ҳамоҳангсозӣ дар байни ҷонибҳои манфиатдори миллӣ ва байналмилалӣ ва намоиш додани аҳамияти рӯйкарди бисёрҷониба ва арзиши муқоисавии СММ ҳамчун вазифаи афзалиятдор боқӣ мемонад. СММ дар шарикӣ бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (КҲФ) ҳамраиси Гурӯҳи арзёбӣ ва ҳамоҳангсозии зуд дар ҳолатҳои фавқулодда (РЕАКТ) мебошад, ки ба он шарикони миллӣ ва байналмилалӣ ҷиҳати дастгирии омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда ва вокуниш ба онҳо дар Тоҷикистон тавассути Стратегияи вокуниши башардӯстона ба ҳолатҳои фавқулодда дохил мешаванд. РЕАКТ платформаи муҳим барои ҳамоҳангсозии маблағгузорӣ ва фаъолияти шарикон мебошад. Дар соли 2021, СММ, Ҳукумат ва дигар шарикон барои вокуниш ба як қатор офатҳои табиии назаррас якҷо кор карданд, ки тақрибан 1,7 миллион доллари ИМА ҷудо карда шуда, 10000 баҳрагиранда ва 2100 хонавода фаро гирифта шуданд. Дар моҳи ноябри соли 2021, СММ  - РЕАКТ ва КҲФ-ро барои гузаронидани Тавсифи иқдомҳои пас аз воқеа ҷиҳати вокуниш дар ҳолатҳои фавқулодда дар соли 2021 дастгирӣ намуд, ки ҷиҳати иттилоъ додан дар бораи таҳияи нақшаи кории соли 2022 ва равона намудани диққат ба ҷамъоварии додаҳо, пешгирӣ ва робита бо Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва тақвияти тавоноии институтсионалии шарикони РЕАКТ пешбинӣ шудааст.

Дар соли 2021, Ҳамоҳангсози доимии СММ ба вазифаи раиси платформаи ҳамоҳангсозии байналмиллалии рушд – Шӯрои ҳамоҳангсозии рушд интихоб карда шуд, ки аз ҷонибҳои манфиатдори байналмилалӣ иборат мебошад. Ба туфайли нақши мазкур, Ҳамоҳангсози доимии СММ ба тақвияти робитаҳои байни СММ ва Ҳукумат дар самти ҳамоҳангсозии рушд; баланд бардоштани сатҳи огоҳии шарикони рушд дар бораи уҳдадориҳои меъёрии байналмилалӣ вобаста ба рӯзнома оид ба самарабахшии кумак; ва пешбурди аҳамияти Рӯзнома барои давраи то 2030 таваҷҷуҳ зоҳир намуд, ки асоси талошҳо барои рушдро ташкил медиҳанд.

## Масъалаҳои афзалиятдор

Масъалаҳои афзалиятдор, ки дар соли 2022 барои афзоиши сармоягузорӣ ва сафарбарсозии захираҳо аҳамияти зиёд хоҳанд дошт, аз барқарорсозии “сабз”, системаҳои озуқаворӣ ва ғизохӯрӣ, об ва тағйирёбии иқлим, талошҳо мутобиқи принсипи “ҳеҷ касро дар ақиб нагузоштан”, пешгирӣ ва муқовиматпазирӣ иборат мебошанд.



Таҳвили UNDAF барои натиҷа дар соли 2021




Хароҷот аз рӯи усули маблағгузорӣ




Таҳвили умумии барномаи муштарак




Таҳвили UNDAF аз ҷониби агентиҳои СММ



БОБИ 3

# АФЗАЛИЯТҲОИ ДАСТАИ КИШВАРИИ СММ ДАР СОЛИ ОЯНДА

### Пешгирӣ ва манбаъҳои муқовиматпазирӣ

Дар соли 2021, дар минтақаи атрофи Тоҷикистон дигаргуниҳои ҷиддии геополитикӣ рух доданд ва контексти нав тағйир додани парадигмаро дар системаи СММ барои анҷоми кори бештар ҳамоҳангшуда дар саросари рукнҳои ҳуқуқи инсон, рушди устувор ва сулҳофаринӣ, инчунин пайваст намудани ин се самт ба рӯйкарди стратегӣ ва таҳияи сиёсати соҳавӣ ва барномаҳои ҳамаҷонибаи чорабиниҳо тақозо мекунад. Дар соли 2022, дар соли таҷлили 30-умин солгарди шарикии Тоҷикистон, СММ дар атрофи сифатҳои мусбат барои пешгирӣ ва сулҳ ҷамъ омада, ба ҳамгиросозии манбаъҳои муқовиматпазирӣ дар тамоми рӯйкардҳои он диққат хоҳад дод. Эҳтимол, дар соли 2022, кишвар ба сабаби ҳуҷуми Россия ба Украина, таҳримҳои иқтисодӣ ба иқтисоди Россия ва таъсири онҳо ба ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан Тоҷикистон, ҳамчунин аз нигоҳи иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъсири ҷиддӣ хоҳад дид.

### Тасдиқи Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор

Дар соли 2022, СММ дар Тоҷикистон корро дар самти такмили афзалиятҳои стратегии пешниҳоднамудаи Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор муҳокимаҳо бо Ҳукумат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷомеаи байналмилалӣ, намояндагони гурӯҳҳои дар ақиб монда ва дигарон идома хоҳад дод. Дар лоиҳаи феълӣ диққати асосӣ ба нақши СММ дар саҳмгузорӣ дар доираи се рукн равона карда мешавад: "Одамон" (рушди инсонӣ), "Сайёра" (барқарорсозии "сабз" ва тағйирёбии иқлим) ва "Сулҳ" (волияти қонун ва идоракунӣ). Барномаи қолабии СММ оид ба ҳамкорӣ барои рушди устувор барои солҳои 2023-2026 бо Ҳукумат дар соли 2022 ба имзо расида, аз 1 январи соли 2023 мавриди истифода қарор мегирад.

### Афзалиятҳои мавзӯъӣ

Дар соли 2022, диққати асосии Дастаи кишварии СММ ба идомаи дастгирии Тоҷикистон дар барқарорсозии трансформатсионии иқтисоди сабз равона карда хоҳад шуд. СММ ҳамчунин бо Ҳукумат барои истифода аз имкониятҳои калидӣ дар соли 2022, ба монанди Конфронси Душанбе оид ба масоили об ва талошҳо барои мубориза бо тағйирёбии иқлим дар саросари ҷаҳон ва ҳифзи пиряххо кор хоҳад кард. СММ Ҳукуматро барои татбиқи Роҳи рушди миллии системаи озуқаворӣ дастгирӣ хоҳад кард, ки онҳо тавассути раванди омодагӣ ба Саммит оид ба системаҳои озуқаворӣ таҳия кардаанд. Гузариш ба технологияҳои рақамӣ ва истифодаи бештар самарабахши дастовардҳо дар бахши рақамисозӣ барои пешниҳод намудани хидматрасониҳо бо роҳҳои нави инноватсионӣ ҳамчунин як соҳаи муҳими тақвияти шарикиҳои СММ дар соли 2022 хоҳад буд. Дастгирии шахсони осебпазир – одамони зиндагикунанда бо ВНМО/БПНМ, одамони дорои маъюбият, занони, ки аз ҷониби шавҳарони муҳоҷир дар ақиб гузошта шудаанд – дар соли 2022 дар маркази диққати талошҳои СММ дар чаҳорчӯби принсипи "ҳеҷ касро дар ақиб нагузоштан" хоҳанд буд.

### Шарикиҳои стратегӣ ва маблағгузорӣ

Дар соли 2021, СММ бо шарикони худ дар тақвияти тавоноӣ ва таҷрибаи техникӣ барои Чаҳорчӯби миллии ҳамгирошудаи маблағгузорӣ ҳамчун механизми ҷалб, афзоиш ва ба тартиб даровардани маблағгузорӣ ҷиҳати афзалиятҳои миллии вобаста ба ҲРУ ба дастовардҳои равшан ноил гардиданд. Шарикии стратегӣ бо намояндагони бахши хусусӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади баланд бардоштани нақши онҳо дар пешбурди рушди устувор барқарор карда хоҳад шуд. Ниҳодҳои СММ дар соли 2022 ин талошҳоро барои истифода намудан аз имкониятҳои нави маблағгузорӣ барои таъсири иҷтимоӣ идома хоҳанд дода.

### Бизнес-инноватсияҳо

Гурӯҳи идоракунии амалиётҳои СММ татбиқи ташаббусҳои Стратегияи бизнес-амалиётҳоро оид ба ҳамоҳангсозии таҷрибаҳои соҳибкорӣ ва ташкили хидматрасониҳо ва биноҳои умумӣ идома хоҳад дод. Гурӯҳи идоракунии амалиётҳои СММ ба таври доимӣ кӯшишҳои худро бознигарӣ мекунад ва соҳаҳои эҳтимолиро барои баланд бардоштани сатҳи фаъолият ва беҳтарсозии баъдии кори мо ва кам кардани хароҷот муайян мекунад. Дар соли 2022, як қатор талошҳои мушаххас амалӣ карда хоҳанд шуд – сабз кардани биноҳои СММ бо панелҳои офтобӣ барои таъмини нерӯи барқи зарурӣ, хадамоти муштараки идораҳои СММ барои коркарди дубора ва идоракунии партовҳо, идоракунии муштараки парки воситаҳои нақлиёти панҷ идора ва татбиқи нақшаи СММ оид ба фарогирии шахсони дорои маъюбият, ки арзёбии комили биноҳои СММ ва равандҳои ба кор гирифтани кормандони СММ барои баланд бардоштани сатҳи дастрасиро дар бар мегирад.


© СММ дар Тоҷикистон

**МИЛАЛИ МУТТАҲИД**
ТОҶИКИСТОН

Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон

Суроға: кӯчаи Лоҳути 5/1,
Душанбе, Тоҷикистон, 734013

www.tajikistan.un.org

@unintajikistan